Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози Тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

14 апрели соли 2021. Чоршанбе № 30 (14731)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ДАР СОҲАИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ТАҲЛИЛ ГАРДИДАНД

Таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 13 апрел бахшида ба иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини шуғл ва пурмазмун ташкил кардани вақти холии ҷавонон ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.

Соли 2021 дар мамлакати мо Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ эълон шуда, дар ин бобат Барномаи давлатӣ қабул гардид. Вазифаҳои муҳим дар ин самт дар маҷлисҳо аз 27 январ ва 10 феврали соли равон низ баён гардида, шахсони мушаххаси масъул муайян шуда буданд.

Дар ҷамъомад ҷараёни иҷрои ин вазифаҳо, вазъи кор бо ҷавонон, ки вазирон, ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, роҳбарони секторҳо ва ректорҳои муассисаҳои таълими олӣ анҷом медиҳанд, баррасӣ шуданд.

Ба «дафтари ҷавонон»-и кишвар 648 ҳазор нафар бекор ворид карда шуда, аз онҳо 283 ҳазор нафарашон дар семоҳаи аввал бо кор таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла, барои 175 ҳазор ҷавон 45 ҳазор гектар замин ҷудо карда шудааст.

Барои ташкили фароғати пурмазмуни ҷавонон ба таври иловагӣ 36 ҳазор маҳфил ташкил карда шудааст, ки ба онҳо тақрибан 874 ҳазор нафар писарон ва духтарон ҷалб карда шудаанд. Дар доираи панҷ ташаббуси муҳим 97 000 таҷҳизоти бадеӣ ва варзишӣ, компутерҳо ва 562 000 китобҳои бадеӣ ба муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо ва марказҳои таълимӣ тақдим карда шуданд.

Дар баробари ин, дар баъзе ҳудуд ва соҳаҳо ба масъалаҳои ҷавонон эътибори зарурӣ дода намешавад. Ҳамин тавр, дар вилояти Андиҷон дар семоҳаи аввал ҳамагӣ қариб 5 ҳазор нафар ҷавонон бо кори доимӣ таъмин карда шуданд. Ҳамзамон, дар айни ҳол дар корхонаҳои саноатӣ ва кластерҳои вилоят 7 ҳазор ҷойҳои кории холӣ мавҷуданд.

Инчунин дар касбазхудкунӣ ва омӯзиши соҳибкорӣ ба ҷавонони бекор, бо маблағ таъмин кардани онҳо камбудиҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, дар доираи барномаи «1+1» омӯзиши 100 ҳазор ҷавон бо минбаъд ба онҳо пешниҳод намудани вомҳои имтиёзнок муайян шуда бошад ҳам, сохторҳои ҳудудии Палатаи савдою саноат дар ташкили муназзами ин кор нотавонии худро нишон медиҳанд.

Масалан, дар тӯли се моҳ дар саросари кишвар танҳо 21 000 нафар ҷавонон дар соҳаи соҳибкорӣ омӯзонида шуданд. Дар Тошканд танҳо ҳазор адад, дар вилояти Намангон – ҳамагӣ 1 100 шаҳодатномаи хатми курсҳо ҷудо карда шуданд. Дар вилояти Бухоро бошад, ба касб ва соҳибкорӣ танҳо 216 нафар ҷавонон омӯзонда шудаанд.

Ғайр аз ин, дар вилояти Сурхондарё аз шумораи умумии ҷавонони бекор танҳо 30 фоизашон бо кор таъмин мебошанд, ки ин дар кишвар нишондиҳандаи пасттарин мебошад. Лоиҳаи «1+1» ҳамагӣ дар ноҳияҳои Хӯҷаилӣ 16 нафарро, дар Фурқат — 27 нафар, дар Улуғнор — 78, дар Ангор — 82 нафарро фаро гирифтааст.

Дар ҷамъомад чунин нишондодҳои паст зери таҳқид гирифта шуданд. Барои ташкили ношоистаи кор бо ҷавонон муовини ҳокими вилояти Сурхондарё оид ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, ҳокимони ноҳияҳои Фурқат ва Улуғнор, роҳбарони баъзе секторҳо дар ноҳияҳои Шофиркон, Қамашӣ, Хева, Чуст, Хӯҷаилӣ ва Ангор аз вазифаашон озод карда мешаванд. Ба чандин шахси дигари масъул огоҳии қатъӣ эълон гардида, барои ислоҳ намудани вазъият вақт дода шуд.

Дар бобати татбиқи вазифаҳои навбатӣ ва васеъ намудани чораҳои дастгирии ҷавонон чорабиниҳо муайян гардиданд.

– Вазифаи аз ҳама муҳим – пеш аз ҳама ҷавононро бо кор таъмин намудан, барои даромади муносиб шароит ба вуҷуд овардан мебошад. Соҳибкорӣ, хусусан тиҷорати хурд ва миёна – ин имконот ва захираи аз ҳама бузургамон мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинобар ин дар назди шахсони масъул вазифаи минбаъд зиёд намудани чорабиниҳои дастгирии соҳибкории ҷавонон ва ба амал татбиқ намудани механизмҳои нави бо кор таъмин намудан гузошта шуд. Баъзе имтиёзот чӣ барои бекорон ва соҳибкорони нав, чӣ барои ташкилотҳои кордиҳанда эълон гардид.

Аз он ҷумла эътиборан аз 1 май зимни ба кор гирифтани ҷавонон аз тарафи корхонаҳо ва ширкатҳо ба онҳо андози иҷтимоие, ки барои ин кормандон пардохта шудааст, баргардонда мешавад. Ғайр аз ин, эътиборан аз 1 июн донишҷӯёне, ки ба «дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, ба андозаи то 500 ҳазор сӯм зимни амалиёт дар корхонаҳо ва ширкатҳо метавонанд субсид бигиранд.

Хатмкунандагони марказҳои таълими касбӣ, ки бори аввал ба кор ҷалб мегарданд, аз пардохти даромад ба муддати то шаш моҳ озод карда мешаванд.

Соҳибкороне, ки беш аз 5 бекорро аз ҷумлаи руйхати «дафтари ҷавонон» бо кор таъмин кардаанд, аз 1 май зимни иҷора намудани молиқиятии давлат нархаш то 50 фоиз арзон гардонда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ БА ҶАШНВОРАИ II БАЙНАЛМИЛАЛИИ САНЪАТИ БАХШӢ ВА ТАДБИРҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ САНЪАТИ БАХШӢ

Бо мақсади дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ васеъ тарғиб кардани санъати бахшигӣ, дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ баргузор намудани Фестивали байналмилалии санъати бахшигӣ, дар асоси анъанаҳои «устоз-шогирд» аз нав эҳё намудан ва рушди мактабҳои эҷодӣ, ки аз услубҳои ба худ хоси иҷрои дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, Самарқанд, Сурхондарё ва Хоразм мавҷудбуда асос ёфтаанд:

1. Бо пешниҳоди Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Иттифоқи нависандагон ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон **дар бораи дар соли 2021 дар шаҳри Нукус ташкил ва баргузор намудани Ҷашнвораи II байналмилалии санъати бахшигӣ** (минбаъд — Ҷашнвора) розигӣ дода шавад.

2. Кумитаи ташкилӣ оид ба омодагӣ ва баргузории Ҷашнвораи байналмилалии санъати бахшигӣ, ки бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 ноябри соли 2018 № ҚП-3990 тасдиқ шудааст (А.Н. Арипов):

а) барои дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бадеӣ гузаронидани Ҷашнвора дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон чораҳои зарурӣ андешад;

б) дар мувофиқа бо Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

оид ба зина ба зина дар оянда баргузор намудани Ҷашнвораи байналмилалии санъати бахшигӣ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ чораҳо андешад;

бо назардошти вазъи санитарию эпидемиологӣ санаи баргузории Ҷашнвораи байналмилалии санъати бахшигиро соли ҷорӣ ва солҳои минбаъда муайян намояд.

3. Мувофиқи замима ба баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД, 10 апрели соли 2021.

Ду рӯзи охири ҳафтаи гузашта дар таърихи варзиши мамлакатамон, хоссатан барои паҳлавонони гӯштӣ ҳамчун рӯзҳои фаромӯшношуданӣ сабт гардид. Дар ин рӯзҳо шаҳри Тирмиз намои идона ва бошукӯҳ касб кард.

ПАҲЛАВОНИ ӮЗБЕКИСТОН — СОҲИБИ ҶОИЗАИ АСОСИИ МУСОБИҚА

Кӯчаҳо ва хиёбонҳои ин шаҳрро шиорҳои “Ба мусобиқаҳои байналмилалии кураш ба хотираи Ҳаким ат-Тирмизӣ барои ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон хуш омадед!”, “Сурхондарё – Ватани кураш”, “Кишвари курашчиёнаш нерӯманд – мамлакати нерӯманд” ва амсоли он зеб медод. Ҳамзамон мониторҳои калон, ки дар кӯча ва хиёбонҳои ин шаҳр гузошта буданд, якзайл навори лаҳзаҳои ҷолиби мусобиқаҳои қаблии курашро ба мардум ва меҳмонон намоиш медоданд.

Бештар аз ин, варзишгоҳи марказии “Алпомиш”-и шаҳри Тирмиз низ аз баргузории як мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ дарак медод. Дар чаҳор самт парчамҳои кишварҳои иштироккунандаи ин мусобиқаҳо парафшонӣ мекунад. Дар қисмати даромадгоҳи он як гурӯҳ ҳунармандони шаҳру ноҳияҳои вилояти Сурхондарё маҳсулоти худро намоиш медоданд. Ҷомаву рӯймолҳои хушдӯхт, кулоҳ ва тоқиҳои гулдор, рӯйҷоҳои зебо, маҳсулоти мухталифи сафолин, асбобҳои мусиқии хоси мардуми воҳаи Сурхон ва амсоли он дар маърази тамошо гузошта шуда буданд

Дар васати варзишгоҳ саҳнаи махсуси иборат аз се майдон омода буд, то ки паҳлавонон рӯйи он бо ҳам қувваозмоӣ кунанд. Дар нишасти хабарӣ, ки 10 апрел бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Азиз Абдуҳакимов, президенти Иттиҳодияи байналхалқии кураш Ҳайдар Фармон, муовини раиси Иттиҳодияи байналхалқии кураш Шерзодхон Қудратхоҷаев, ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов, муовини раиси Кумитаи олимпии Ӯзбекистон Равшан Ирматов барои хабарнигорони дохилӣ ва хориҷӣ баргузор гардид, таъкид шуд, ки ин мусобиқаҳо ба хотираи яке аз мутасаввуфон, муфассирони ҳадис ва олими бузурги Машриқзамин Ҳаким ат-Тирмизӣ (номи пурраи ӯ Муҳаммад ибн Алӣ Ҳаким ат-Тирмизӣ) бахшида шудааст.

– Дар кишварамон барои рушди кураш, ки яке аз намудҳои хеле муҳими варзиш маҳсуб меёбад, таваҷҷӯҳи хос дода мешавад. Ба ин намуди варзиш берун аз кишвар, дар соири мамолики дунё низ шавқи зиёд бедор шудааст. Бо вуҷуди бемории куруно ҳоло аз 27 кишвари дунё ба шаҳри Тирмиз меҳмонону паҳлавонони номдор ташриф овардаанд. Умедворем, ки ин мусобиқаҳо дар сатҳи баланд ва шаффоф баргузор мешавад, – гуфт Азиз Абдуҳакимов.

Вай афзуд, ки дар айни замон ҳудуди 130 кишвари дунё федератсияҳои курашро таъсис додааст ва ин кишварҳо низ барои оммавӣ гардидани он ҳиссаи калон мегузоранд. Ба гуфтаи Азиз Абдуҳакимов бар асоси қарори сарвари давлатамон “Дар бораи ривоҷ додани варзиши миллии кураш ва баланд бардоштани нуфузи байналмилалии он” аз 4 ноябри соли 2020 аллакай корҳои зиёд ба анҷом расидаанд. Иҷрои ин корҳо маҳз барои боз ҳам бештар оммавӣ шудани ин намуди варзиш ҳамчун омили муҳим хидмат мекунанд.

– Мо чанд муддат қабл барои ширкат дар ин мусобиқаҳо ба федератсияи кураши кишварҳои зиёд даъватнома фиристодем. Аммо ба иллати пандемияи коронавирус ва карантин теъдоди зиёди паҳлавонон ширкат карда наметавонанд. Инро мо дуруст дарк мекунем. Зеро дар як қатор мамолики дунё баргузории чунин мусобиқаҳо ва равуо ба кишварҳои дигар ҳанӯз ба маҷрои пешини худ барнагаштааст, – иброз намуд муовини Сарвазир Азиз Абдуҳакимов.

(Давомаш дар саҳ.2).

ӮЗБЕКИСТОН ДАР СММ МАШВАРАТРО БИНОБАР ЛОИҲАИ БАЁННОМАИ МАХСУСИ АССАМБЛЕЯИ ҒЕНЕРАЛӢ ДАР БОРАИ «МИНТАҚАИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЭКОЛОГӢ» ЭЪЛОН КАРДАНИ МАВЗЕИ НАЗДИАРАЛ ОҒОЗ КАРД

Дар ситодхонаи воқеъ дар Ню-Йорки СММ аз ҷониби Намояндагии доимии Ӯзбекистон бобати мувофиқсозии лоиҳаи баённомае, ки аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи генералӣ дар бораи «Минтақаи инноватсия ва технологияҳои экологӣ» эълон кардани мавзеи Наздиарал пешниҳод шудааст, машвараторо оғоз ёфтанд.

Дар чорабиние, ки дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд, коршиносони ҳайати давлатҳои аъзои СММ аз гурӯҳҳои мухталифи минтақавӣ, аз ҷумла Минтақаи Осиёву Уқёнуси Ором, Аврупо, Амрикои Лотин ва Амрикои Шимолӣ иштирок карданд.

Дар ҷараёни машварат аз ҷониби ҳайати Ӯзбекистон моҳияти асосӣ, мақсад ва муҳимияти ташаббуси мазкур муфассал маънидод карда шуд. Ба муҳимияти ҳуҷҷати мазкур, ки кишварҳои аъзои СММ-ро «ба дастгирӣ кардани саъю кӯшиши давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки ба нарм кардани оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодии хушкшавии баҳри Арал нигаронида шудаанд» даъват менамояд, эътибор дода шуд.

Таъкид гардид, ки баёнома ба муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои умумӣ ба мақсади ташаккул додани шароит барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар коркард ва истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, маҷмӯан ҷорӣ намудани равандҳои иқтисодиёти «сабз», технологияҳои тоза ва сарфакунандаи барқу об, пешгирӣ намудани минбаъд хушкшавӣ ва муҳоҷирати экологӣ нигаронида шудааст.

Дар доираи гуфтушунидҳо байни иштирокдорон бинобар дастурҳои ҳуҷҷат табодули афкор ба амал омад. Ҳайатҳо ба ташаббуси Ӯзбекистон баҳои баланд доданд, саривақтӣ будани пешниҳоди ҳуҷҷати мазкур дар доираи СММ ва фавқулодда муҳим будани он ҳам барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам барои кишварҳои дигар таъкид шуд. Коршиносоне, ки дар ҷараёни мулоқот ба сухан баромаданд, ба он чиз ҳамраъй шуданд, ки оқибатҳои манфии экологӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоиву иқтисодии фоҷиаи ҳавзаи баҳри Арал аз ҳудуди минтақа убур мекунад ва ба мушкилоти умумиҷаҳонӣ мубаддал мегардад. Онҳо саъю кӯшиши кишварҳои минтақаро бобати паси сар сохтани оқибатҳои манфии буҳрони мазкур дастгирӣ намуданд.

ОИ «Дунё»,

НЮ-ЙОРК.

Ҷараён

МОНОМАРКАЗ – ПОЙДЕВОРИ СОҲИБКОРӢ

Ҷавононе, ки «Бо соҳибкорӣ машғул шуда, имконият ва нирӯи худро ба кор мебарам ва аз таҳти дил меҳнат мекунам» мегӯянд, зиёданд. Ба роҳи дуруст ҳидоят кардани онҳо, барои соҳиби касбу ҳунари дилхоҳ гардиданашон кӯмак расонидан ва таъмин кардан бо шуғл аз масъалаҳои муҳими рӯз маҳсуб меёбад.

Роҳбари давлат дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки ба қарибӣ баргузор шуд, изҳор дошт, ки соли равон бояд 500 ҳазор нафар ҷавонон соҳиби касбу ҳунар ва соҳибкор шаванд, дар ин бобат ӯ як қатор супоришҳо дод.

Бо назардошти ин вазифаҳо дар мактаби рақами 1-уми касбу ҳунари ноҳияи Чуст маркази таълими «IT-skool» ташкил гардид ва дар он курсҳои хониши бепул ба роҳ гузошта шуд. Бояд қайд кард, ки дар ин курсҳо ҷавонони бекоре, ки ба «дафтари ҷавонон» дохил гардидаанд, ҷалб карда мешаванд.

Дар давоми хониш ба онҳо дар бораи роҳҳои ворид шудан ба тиҷорат, ташкил кардани соҳибкорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он, ҳамчунин чӣ гуна тартиб додани нақшаи тиҷорат, тарзи ба ҷавонон додани вом ва ситондани онҳо маълумот дода мешаванд.

Дар машғулиятҳо мураббиёни маркази ғайридавлатии тиҷоратии «Таълими замонавии оянда», ки дар назди палатаи савдо ва саноати вилоят ташкил шудааст, Гулчеҳра Аҳмедова ва Ҳалима Мукарамова иштирок карданд ва дар ин бобат ба ҷавонон маълумоти зарурӣ доданд. Дар машғулиятҳои таълимӣ маркази кӯмак ба шуғли аҳолии ноҳия, ҳамчунин мутахассисони бонк ва инспексияҳои андоз низ ҷалб карда шудаанд.

– Мақсади асосии мо ба соҳиби кор гардидани ҷавонон нигаронида шудааст, – мегӯяд Гулчеҳра Аҳмедова. – Ҷавонони мо хеле фаъоланд. Бо назардошти қобилият ба соҳаи дуруст раҳнамун кардани онҳо вазифаи мо мебошад. Фикр мекунем, ҳар як ҷавон бо донишҳое, ки дар ин ҷо гирифтааст, роҳи худро меёбад ва дар оянда чун тоҷири хуб дар соҳаи соҳибкорӣ муваффақ мегардад.

– Дар ҷараёни машғулиятҳо оид ба фаъолияти соҳибкорӣ бисёр маълумот гирифтам, – мегӯяд Дилшод Ёдгорови ҳисорӣ. – Акнун метавонам далерона фаъолияти худро оғоз намоям, дар ин бобат ба ман дарс ва сабақҳое, ки аз мураббиён омӯхтаам, кӯмак мерасонанд.

– Аз хурдӣ ба чорвопарварӣ меҳр дорам, – мегӯяд Саидҷон Сиддиқов, ки аз маҳаллаи Чустон-Дӯстларобод омада, дар машғулиятҳо иштирок менамояд. – Ния дорам, ки дар ин самт кори тиҷоратии худро оғоз намоям.

Ба наздикӣ ҷавононе, ки курсҳои таълимиро хатм кардаанд, аз санҷишҳои тест бомуваффақият гузашта, соҳиби сертификат шуданд. Ба машғулиятҳои навбатӣ ҷавононе, ки соҳибкор шудан мехоҳанд, ҷалб карда мешаванд.

Шоҳида ДАМИНОВА.

Вилояти НАМАНГОН.

ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ДАР СОҲАИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ТАҲЛИЛ ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Инчунин ба ҷавононе, ки биноро иҷора гирифта, кори худро шуруҳ менамоянд, то 30 фоизи миқдори солонаи пардохти иҷора ҷуброн карда мешавад. Харҷи ҷавонон аз ҷумлаи «дафтари ҷавонон» ва тарбиягирандагони хонаҳои бачагон барои таълими ронандагӣ ва адои хидмати ҳарбии моҳона аз ҳисоби буҷет пардохта мешавад.

Инчунин аз 1 июн ҷуброни қисми харҷи аъзои «дафтари ҷавонон» барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва фанҳои таълими умумӣ дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ роҳандозӣ мегардад.

Аз 1 июл ба корхонаҳои хусусӣ субсид то 1 миллион сӯм барои бозомӯзии ходимони нав пешниҳод мегардад.

Ғайр аз ин миқдори қарордоде, ки барои таълими ҷавонон дар мактабҳои таълими касбӣ ва техникумҳо пардохта мешаванд, аз андози даромад озод карда мешаванд.

Боз як соҳаи муҳим, ки барои бо кор таъмин намудани ҷавонон мусоидат менамояд – хоҷагии қишлоқ аст. Имрӯз аз 2 то 4,5 ҳазор ҷавонон дар 21 ноҳияи мамлакат барои кишту кор қитъаи замин ба даст оварданд.

Роҳбари давлат аҳамияти кӯмаки амалиро аз тарафи фермерон ва кластерҳо барои ин ҷавонон то он ки ин деҳқонони ҷавон корҳои агротехникиро анҷом дода, даромад ба даст меоранд, таъкид намуд.

Таъкид шуд, ки барои дастгирии аъзои «дафтари ҷавонон» барои онҳо ҷудо намудани субсид ба андозаи то 2 миллион сӯм барои хариди тухмӣ ва нихол ногузир аст.

Ба Вазорати молия ба вуҷуд овардани заминаи электронӣ барои шаффофияти ҷараёни пардохти субсид супурда шуд.

Дигар мушкилоте, ки вуҷуд дорад, зарурияти афзудани теъдоди ходимони тиббии соҳибмалакаи ҳалқаи миёна мебошад, то ки ҳар як маҳалла ва оила бо хидмати сифатноки тиббӣ таъмин карда шаванд. Танҳо барои гурӯҳҳои тиббӣ на камтар аз 7 ҳазор ходими ҳалқаи миёна тақозо мегардад.

Бинобар ин, дар идомаи ислоҳоти ҷорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ногузирии ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор барои ҳазорон ҷавонон бо роҳи барилова ҷорӣ намудани 20 ҳазор воҳиди кории ҳалқаи миёнаи ходимони тиб ва кормандони ичтимоӣ дар соли ҷорӣ таъкид гардид.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои бомазмун ташкил намудани фароғати ҷавонон муҳокима гардид.

Имрӯз марказҳои бачагони «Баркамол авлод» ҳамагӣ 175 ҳазор кӯдакро фаро мегиранд. Вазифа гузошта шуд, ки потенсиали ин муассисаҳо пурра истифода гардида, афзоиши фарогирӣ аз ҳисоби ба вуҷуд овардани филиалҳои онҳо дар ҳар як мактаб гузошта шавад. Кор дар бобати ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш, маданият ва санъат, баргузор намудани ҷашнвора ва озмунҳои гуногун, омодагӣ ба мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ муттасил идома хоҳад ёфт.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ҳар як муассисаи таълими олӣ бояд ба маркази маънавият ва маданияти маҳаллаҳо наздик бошад, ки дар онҳо иштироки ректорҳо ҳеҷ эҳсос намегардад.

Масъалаи шароити иқомати донишҷӯён алоҳида баррасӣ гардид.

Имрӯз беш аз 130 ҳазор нафар донишҷӯ иҷоранишин аст. Ҳукумат барномаи махсусро доир ба ин масъала омода менамояд. Бинобар он аз 1 май ҷуброн намудани нимаи иҷорапулии донишҷӯён пешбинӣ мегардад. Дар марҳалаи аввал ин низом 60 ҳазор нафар ҷавононро фаро мегирад. Зимнан ба донишҷӯёни оилаҳои камтаъмин ин харҷ аз ҳисоби ҳокимиятҳо ва муассисаҳои таълими олӣ сарпур карда мешавад.

Аз рӯи масъалаҳои баррасинамудаи ҷамъомад ҳисоботи шахсони масъул шунида шуд.

ЎзА.

БА ДАСТ ОВАРДАНИ БАРТАРИҲОИ БАРНОМАИ «GSP+» – АЗ ҶОНИБИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ЭЪТИРОФ ГАРДИДАНИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИДОРАИ ЗАРУРИ ЎЗБЕКИСТОНРО НАМОИШ МЕДИҲАД

Дар кишварҳои Аврупо аз ҷониби Ўзбекистон дарёфти мақоми кишвари бенефисиари Барномаи генералии бартариҳои «GSP+»-и Иттиҳоди Аврупо баланд арзёбӣ мегардад.

«GSP» – ин барномаест, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо барои рағбатноксозии фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва кӯмакрасонӣ ба кишварҳо барои инкишофи иқтисодиёт аз ҳисоби озодкунии якҷонибаи савдои байналхалқӣ амалӣ мегардад. Барои ин Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои ҳамҷиҳат бобати савдои бартаринок муоҳида мебанданд, ки мувофиқи он кишвар барои ба содирот баровардани молҳои худ ба Иттиҳоди Аврупо бо тарифҳои кам кардашуда ва ё бекоргардида имконият пайдо мекунад. Мувофиқи мақоми «GSP» истеҳсолгарони Ўзбекистон метавонистанд беш аз 3 ҳазор хелҳои молро бидуни боҷҳои гумрукӣ, ҳамчунин боз 3 ҳазор номгӯйи молҳоро бинобар тарифҳои камкардашуда ба содирот бароварад. Баъди дарёфти режими «GSP+» аз 10 апрел Ўзбекистон метавонад ба мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо 6200 намуди молҳоро бидуни боҷҳои гумрукӣ ба фурӯш барорад.

Роҳбари ширкати «Cuirde-Lagny», намояндаи клуби корчаллонҳои ўзбекистониву фаронсавӣ Франк БУВРЭН (Фаронса):

– Иҷозат диҳед Ўзбекистонро бо ҳамроҳ шуданаш ба Барномаи генералии бартариҳои «GSP+»-и Иттиҳоди Аврупо муборакбод намоям. Ин натиҷаи иродаи сиёсии Президент Шавкат Мирзиёев аст, ки солҳои охир ислоҳоти васеъмиқёсро татбиқ менамояд. Дар мамлакати шумо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёт, ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи меҳнат ва ҳифзи муҳити атроф тағйироти мусбат ба назар мерасанд.

Муҳтақидам, ки воқеаи мазкур ба фаъол гардидани ҳамкориҳои ўзбекистониву фаронсавӣ мусоидат менамояд. Аз ин он чиз шаҳодат медиҳад, ки сафари нахустини Президент Шавкат Мирзиёев ба Аврупо маҳз ба Фаронса буд. Ҳамчунин барои шаҳрвандони Фаронса режими бидуни рамододи дохил шудан ба кишвари шумо муқаррар гардид.

Мехостам қайд намоям, ки ин иқдом қадами муҳими навбатии Ўзбекистон дар роҳи қаробат ба Созмони умумиҷаҳонии савдо аст.

Депутати Аврупо, раиси Ҳайати Парлумони Аврупо бинобар робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистон Фулвио МАРТУШЕЛЛО:

– Солҳои охир муносибатҳои аврупоиву ўзбекистонӣ ҷиҳати васеъ ва фарогир пайдо карданд.

Иттиҳоди Аврупо ба ҳамкории муфиди тарафайн бо Ўзбекистон, ки шарики муҳими Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, дар минтақаи мазкур нақши бузург дорад, эътибори махсус медиҳад.

Ҷониби Ўзбекистон барои ба даст овардани мақоми «GSP+» аз ибтидои соли 2020 шуруъ карда буд. Баъд аз анҷоми ҷараёни ҳамраъйии дохили давлатӣ моҳи июни соли 2020 Ўзбекистон ба Комиссияи Аврупо аризаи расмӣ пешниҳод кард.

Мувофиқи регламенти Иттиҳоди Аврупо ариза дар тўли 6 моҳ баррасӣ мегардад, вале аризаи Ўзбекистон аз ҷониби Комиссияи Аврупо пеш аз муҳлат маъқул дониста шуд.

Дар мавриди қабул кардани қарор Комиссияи Аврупо ба ҳисоботи гурӯҳҳои мониторингие, ки аз ҷониби Ўзбекистон риоя шудани 27 дастури баённомаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, меъёрҳои меҳнатӣ, муҳити атроф ва идоракунии самарабахшро тасдиқ карданд, такя намуд. Ҳамаи инҳо талаботи асосии Иттиҳоди Аврупо барои пешниҳод намудани мақоми «GSP+» ба шумор мераванд.

Ўзбекистон баённомаи мазкурро бомуваффақият тасдиқ намуд ва барои самарабахш иҷро кардани ўҳдадориҳояш бинобар он чорабиниҳои зарурӣ меандешад. Ҳукумати мамлакат бобати қонунгузории миллиро ба меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ сохтан корҳои васеъмиқёсро амалӣ менамояд.

Ман мехостам таъкид кунам, ки ба низоми «GSP+» ҳамроҳ гардидани Ўзбекистон дар муносибатҳои дуҷониба ҳодисаи муҳим гардид. Ин ба манфиати ҳар ду ҷониб мебошад. Бешубҳа, Ўзбекистон барои татбиқ сохтани содирот ба кишварҳои Аврупо соҳиби шароити мусоид шуд, барои ин ба истеъмолгарони аврупоӣ низ дар мисоли зиёд шудани номгӯй ва сифати молҳо дар бозорҳо имконияти зиёд фароҳам омад.

Бовар дорам, ки ин нафақат ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷонибаи аврупоиву ўзбекистонӣ хидмат мекунад, балки боз ба халқҳои Иттиҳоди Аврупо ва Ўзбекистон манфиат меоварад.

Директори генералии ширкати «Solinta» Карл РЕНТЕС (Нидерландия):



– Метавон бо эътимод гуфт, ки мақоми «GSP+» ба Ўзбекистон нафақат дар соҳаи савдо бо Иттиҳоди Аврупо, балки бинобар мубодилаи технология, дониш ва кашфиётҳо имкониятҳои бузург фароҳам меоварад.

Ширкати мо низ имконият пайдо мекунад, ки дар ин раванд фаъолона иштирок намояд. Мо бо парвариши картошкаи гибридӣ машғул ҳастем ва медонем, ки ин маҳсулотро дар Ўзбекистон низ бисёр қадр мекунанд.

Ҳоли ҳозир мо бо шарикони ўзбекистонӣ бинобар истеҳсоли тухмии дар шароити кишвари шумо мувофиқтар ҳамкории фаъол дорем.

Муҳтақидам, ки вусъат додани ҳамкориҳо дар байни Ўзбекистони нав ва Иттиҳоди Аврупо ба ғанӣ гардидани мазмуну муҳтавои муносибатҳои тарафайн, татбиқ шудани лоиҳаҳои начиб ва муваффақ гардидан ба дастовардҳои нав хидмат мекунад.

ОИ «Дунё».

ПАҲЛАВОНИ ЎЗБЕКИСТОН – СОҲИБИ ҶОИЗАИ АСОСИИ МУСОБИҚА

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Зимни баргузории мусобиқаҳои кураш ба ҳамаи қоидаҳои карантин қатъиян риоя карда мешавад. Барои ин ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд. Ман ифтихормандона қайд мекунам, ки кураш ба яке аз намудҳои варзиши дўстдоштаи мардуми олам табдил меёбад. Фахри дигари мо аз он аст, ки Ватани кураш вилояти Сурхондарёст. Баргузории ин мусобиқаҳо мусоидат хоҳад кард, ки кураш ба сифати яке аз намудҳои муҳими варзиш бори дигар ба оламиён намоиш дода мешавад, – изҳор кард Тўра Боболов. — Дар ҳар панҷ мактаби таълимоти умумии ин вилоят синфҳои ибтидоии кураш ташкил додаву куллан он мучаҳҳаз гардонида хоҳад шуд. Барои иҷрои ин барномаи хос дар мо кадрҳо мавҷуданд ва онҳо чиҳати тарбия ва ба камол расонидани курашчиёни оянда заминаи мусоид фароҳам хоҳанд овард.

– Мо барои оммавӣ намудани кураш барномаҳои хоси худро татбиқ хоҳем кард. Ба ин ҷо ҳама ба манзури он омадаем, ки мусобиқаҳои курашро дар сатҳи баланд баргузор кунем. Мо медонем, ки барои баргузории ин мусобиқаҳо нерў ва маблағи зиёд харҷ карда мешавад. Барои ҳамин ба мақомоти кишвари шумо барои чунин мусоидат ибрози сипос менамоям, – гуфт президенти Иттиҳодияи байналмилалии кураш Ҳайдар Фармон.

– Аз давраи касби истиқлолияти кишварамон мусобиқаҳо оид ба кураш дар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Дар он ҳамеша паҳлавонони номии кишварҳои хориҷӣ низ ширкат мекунанд. Дар ҳамин ҳол шаҳри бостонии Тирмиз мизбонии ин мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалиро бар дўш гирифтааст. Муҳим он аст, ки меҳмонон чун ҳамеша бо таассуроти хубу нек ба кишвари худ баргарданд, – гуфт Шерзод Қудратхоҷаев.

Рўзи аввал дар байни мардҳо ва занҳо мусобиқаҳои нимфиналӣ ва финалӣ баргузор гардиданд. Занҳо дар вазнҳои 48, 57, 63, 70 килограмм ба рўи қолин баромаданд. Дар вазни 48 килограмм Моҳинур Мўминова (Ўзбекистон) ҷои якум, Айҷан Зилкбаева (Қазоқистон) ҷои дуюм, Гулҳаё Ҷўраева ва Сарвинисо Абдуллоева (Ўзбекистон) ду ҷои сеюмро ишғол карданд.

Дар вазни 57 килограмм Бақит Куссакбаева (Қазоқистон) ҷои якум, Ирода Мамашоева (Ўзбекистон) ҷои дуввум, Мухлиса Абдумаликова (Ўзбекистон) ва Петрас Датрисиа (Руминия) ду ҷои сеюмро соҳиб шуданд. Дар вазни 63 килограмм Маликахон Қаҳҳорова (Ўзбекистон) ҷои якум, Лиани Сниа Мариа (Лаҳистон) ҷои дуюм, Ойдинахон Зокирҷонова (Ўзбекистон) ва Регина Шатрауская (Белоруссия) ду ҷои сеюмро ба даст оварданд. Дар вазни 70 килограмм Владлена Гусева (Россия) ҷои якум, Шоҳиста Назарова (Ўзбекистон) ҷои дуюм, Равзахон Адашева (Ўзбекистон) ва Аёла Мереке (Қазоқистон) сазовори ду ҷои сеюм дониста шуданд.

Қувваозмоиҳо дар миёни мардони вазнҳои 81 ва 90 килограмм низ хеле тезутунд гузаштанд. Мухлисон низ ин қувваозмоиҳоро бо шўру дасткўбиҳо ҷонибдорӣ мекарданд. Баъди талошҳои зиёди паҳлавонон дар вазни 81 кг Умар Бозоров (Ўзбекистон) ҷои якум, Оламафрўз Абдураҳмонов (Тоҷикистон) ҷои дуюмро ишғол намуданд. Ду ҷои сеюм насиби Умед Эсанов (Ўзбекистон) ва Дилоқо Афзалӣ (Афғонистон) гардид. Дар вазни 90 килограмм Арам Григориан (Россия) ҷои аввал, Ҷонибек Қазоқов (Ўзбекистон) ҷои дуюм, Ҷаҳонгир Маматраҳимов (Ўзбекистон) ва Паата Гвинашвили (Гурҷистон) ду ҷои сеюмро ба даст оварданд.

Рўзи дуввуми мусобиқаҳо низ хеле тезутунд, дар айни ҳол шавқовар гузашт. Дар вазни 60 килограмм байни мардон инҳо пирўзи мусобиқаҳои байналмилалии кураш дониста шуданд: Муҳаммадризо Қувватов (Тоҷикистон) ҷои якум, Абдулазиз Ҳамроев (Ўзбекистон) ҷои дуюм, Акобир Қурбонов ва Қанат Сейлхон (Қазоқистон) ду ҷои сеюм, дар вазни 66 килограмм бошад, Қобилҷон Аҳмедов (Ўзбекистон) ҷои аввал, Атабек Амиралӣ Ҳамроев (Қазоқистон) ҷои дуюм, Руслан Бўриев ва Маҳаммадюсуф Шуайб (Афғонистон) ду ҷои сеюмро ишғол карданд.

Ғолибони вазни 73 кило Собир Сафарбоев (Қазоқистон), Умедҷон Абдуллоев (Ўзбекистон), Ўрол Содиқов ва Ҳасайнӣ Илсоқзода(Тоҷикистон) эълон шуданд.

Рўзи дуюм ва ниҳоии мусобиқаҳо барои мукофоти Президенти Ўзбекистон ва гиромидошти Ҳаким ат-Тирмизӣ тақрибан ҳамаи нишастгоҳҳои варзишгоҳи “Алпомиш” аз тамошобинон пур шуд. Ҳудуди 7,5-8 ҳазор мухлисони кураш ба ин ҷо гирдиҳам омада буданд. Ҳувайдо мешуд, ки диққату эътибори умум дар ин мусобиқаҳо ба қувваозмоиҳо дар вазни мутлақ нигаронида шудааст.

Дар бозиҳои нимфиналӣ Яҳё Имомов (Ўзбекистон) ва Неъматулло Асранқулов (Тоҷикистон) баъди қувваозмоӣ бо ҳарифони худ ҷоми мағлубиятро чашиданд ва ду ҷои сеюмро ишғол карданд. Вақте ки Мўҳсин Ҳисомиддинов (Ўзбекистон) ва Дадахон Қурбоналиев (Тоҷикистон) рўи қолин ҳозир шуданд, ҳама гўшу ҳушро ба ҷониби онҳо нигаронидаанд.

Раиси ҳакамони мусобиқа ба тамошобинон ёдовар шуд, ки соли 2018 дар мусобиқаҳо барои гиромидошти Паҳлавон Маҳмуд дар шаҳри Хива ин ду паҳлавони болои қолин ҳозир шуда бо ҳамдигар қувваозмоӣ карда буданд ва зафар ба дасти Дадахон Қурбоналиев гузашта буд.

Шояд барои ҳамин Мўҳсин Ҳисомиддинов бо тамоми ҷаҳд талош мекард, ки ҳарифи худро аз по афтонад ва пирўзии мутлакро ба даст ниҳои мухлисон ба ҳаво дакка мезад. Мўҳсин Ҳисомиддинов парчами мамлакатамон болои сар ва зери кафкўбиҳои бошиддати мухлисони зиёд атрофи майдонро давр зада баромад.

– Медонед, баъзан чунин ҳолатҳо рух медиҳанд, ки омаду барор ба ин ё он паҳлавон насиб мегардад. Ману Дадахон дар маҳорату таҷриба тақрибан ҳамсонем, вале ин бор ҳамин омад ба рўи ман хандид ва пирўзӣ насиби ман шуд. Акнун парчами Ўзбекистон парафшонӣ мекунад ва суруди миллии мо тараннум мегардад, – гуфт дар суҳбат бо хабарнигорон ғолиби мутлақи мусобиқаҳои байналмилалии кураш Мўҳсин Ҳисомиддинов.

Хазинаи ин мусобиқаҳо 100 ҳазор доллари амрикоӣ эълон шуда буд. Ғолибони ҷои аввали вазнҳои гуногун чи дар байни мардҳо ва чи дар байни занҳо се ҳазор доллар мебошад. Онҳое, ки сазовори ҷои дуюм шуданд, ду ҳазор долларӣ ва соҳибони ду ҷои севвум ҳазор долларро ба даст оварданд. Аммо дар вазни мутлақ сазовори ҷои аввал бо 10 ҳазор доллар қадрдонӣ шуд. Ба соҳибони ҷои дуюм – 5 ҳазор доллар ва ба ду ҷои сеюм севуним ҳазор долларӣ тақдим гардид.

– Хеле хушҳолам, ки ин мусобиқаҳо хубу шаффоф баргузор гардид. Он бо як назм ва фазои гуворо сипарӣ шуд. Воқеъан, ҳамаи мо аз он қаноат ҳосил намудем, ки ин мусобиқаҳо дар чунин фазо баргузор шуд ва паҳлавонон соҳиби мукофотҳои пулӣ гардиданд, – гуфт раиси Иттиҳодияи байналмилалии кураш Ҳайдар Фармон.

Вай ҳамчунин илова намуд, ки агар пандемия халал намерасонд, ин мусобиқаҳо боз ҳам бонуфузтар ва теъдоди ширкати паҳлавонҳо низ бештар таъмин мегардид. Ба таъкиди Ҳайдар Фармон вазъияти эпидемиологӣ ҳатман ба ҷониби мусбат тағйир хоҳад ёфт ва дар мусобиқаҳои ду соли баъди кураш теъдоди иштирокчиёни он ба чанд карат афзоиш хоҳад кард.

Бо ҳамин мусобиқаҳои XV ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон барои гиромидошти хотираи Ҳаким ат-Тирмизӣ бо пирўзии мутлақи паҳлавони кишварамон Мўҳсин Ҳисомиддинов ба фарҷом расид.

Қобил ба ёдоварист, ки дар шаҳри Тирмиз ҷаласаи ғайринавбатии Кумитаи иҷроияи Иттиҳодияи байналмилалии кураш баргузор гардид. Он таҳти раёсати Ҳайдар Фармон гузашт. Дар ин ҷамъомад ноибони конфедератсияи ИБК дар Осиё, Африқо ва Панамерика ва аъзои кумитаи иҷроияи он ширкат варзиданд.

Ҷамъомад масъалаҳои муҳими ривоҷ додани кураш дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон ва ба барномаи мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ворид намудани онро баррасӣ намуд. Дар ин ҷамъомад пешниҳод гардид, ки ба манзури барқарории равобити доимии Кумитаи иҷроияи ИБК бо Ватани аслии он – Ўзбекистон мақоми ноиби раиси ИБК ҷорӣ карда шавад. Ҳайдар Фармон ба ин мақом мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдуҷаббор Абдувоҳидовро номзад пешбарӣ кард. Аъзои Шўрои ИБК ин пешниҳодро бо як овоз пазируфтанд. Дар ин ҷамъомад ҷонишини вазири туризм ва варзиши Ҷумҳурии Ўзбекистон Авазҷон Каримов, муовини аввали раиси Кумитаи миллии олимпии ҷумҳурӣ Равшан Ирматов ва Котиби умумии КМО Ойбек Қосимов ширкат карданд.

Олимҷон ПАНҶИЗОДА,
Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбирони махсуси “Овози тоҷик”.

ТИРМИЗ.

Суратгирон: М. АМИН (ЎзА) ва Р. ГАЛИЕВ.

ХАБАРҲО

Вазифаҳои институти илмӣ-тадқиқотии нав

Наздикӣ ва то дараҷае умумияти таърихии фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва тарзи зист халқҳои гуногунмиллати Осиёи Марказиро ба ҳам мепайвандад, гуфта шуд дар суҳбати гирди миз, ки дар Вазорати корҳои хориҷӣ баргузор гардид.

Дар ин ҷо оиди Институти байналхалқии Осиёи Марказӣ (ИБОМ), ки таъсис меёбад, гуфтушунидҳо ба амал омаданд. Таъкид ёфт дар асоси амиқ омўхтани тенденсияҳои муҳими сиёсати берунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таҳияи таклиф ва тавсияҳои амалӣ аз вазифаҳои устуворанд, ки дар назди ин институт қарор доранд. Таҳлил карда рафтани ҷараёнҳои нақлиётию транзит, кишоварзӣ, тиббиёт, илм ва таълим, сармоя ва амсоли онҳо ва дар ҳалли якҷояи ин масъалаҳо кўмаки амалӣ ва назарӣ расондан низ вазифаҳои муҳим дар назди ходимон ва тадқиқотгарони ИБОМ мебошанд. Онҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ тадқиқот ва чустучўҳои илмӣ пеш мебаранд, бо мутахассис ва экспертҳои кишварҳои хориҷ ҳамкорӣ менамоянд, дар мустаҳкамсозии робитаҳои ҳарҷониба байни давлатҳои минтақа саҳм мегузоранд.

Амалҳои хайр дар Оҳангарон

Бо мақсади пешбурди корҳои маҳаллабайҷ намояндагони идора ва вазоратҳои гуногун ба маҳаллаҳо баромада, шароити зиндагии аҳолиро омўхта, дар вақти зарурат тадбирҳои хайрия ташкил менамоянд.

Чунончи, аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ дар ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд ин гуна амалҳои хайр рўи кор омад. Ба 6 дабистони таълими умумии ноҳия партаҳои таълимӣ, тахтаҳои синфии электронӣ, техникаи компутерӣ ва маҷмўи китобҳо тақдим дошта шуд. Аз расондани ин гуна туҳфаҳо, хусусан, тарбиятгирандагони мактаби махсуси рақами 7-ум, ки он ҷо бачаҳои имконияти ҷисмониашон маҳдуд таълиму тарбия мегиранд, хеле мамнун гаштанд.

Айни замон бо иштироки намояндагон аз сафоратхонаи Ҷопон дар мамлакати мо дар технопарки «Ҷавонон» вохўрӣ ба амал омад. 50 нафар пешқадамони таълим имкон ёфтанд оиди робототехника ва барномасозии компутерӣ бе пардохти ҳақ дар курси 10-моҳа сабақ бардоранд.

Роҳҳо аз таъмир мебароянд

Дар доираи Барномаи «Маҳаллаи обод» соли равон 7794 деҳа ва маҳалла обод гардонида ва барои ин аз буҷа 20,8 триллион сўм маблағ ҷудо карда шудааст. Бо ифодаи дигар, корҳои сохтмон, таъмир ва ободу хуррамсозӣ таҳти қарорҳои дахлдори ҳукумат ба сомон расонда мешаванд.

Роҳҳои дохилии маҳаллаҳои ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд низ ба таъмир фаро гирифта мешаванд. Ин вазифа ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ бор шудааст. Якуним моҳ инҷониб 210 мошини боркаш, 26 техникаи махсус ба таъмиргарон кўмакрасон. Роҳҳои дохилии ҶШМ «Қарамазор», ки чаҳор гузарро фаро гирифта, бештар аз дуюним ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, аллакай мумфарш ва тахту ҳамвор гаштанд. Дар ноҳия ҷамъ 59 маҳалла мавҷуд бошад, дар 15 маҳалла ин гуна ободгариҳо пеш бурда мешавад.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

15 апрел – рӯзи таваллуди Устод Айнӣ

САДРИДДИН АЙНӢ ВА АҲЛИ ИЛМУ АДАБИ САМАРҚАНД

Устод Садриддин Айнӣ (1878-1954) натанҳо асосгузори адабиёти нави тоҷик, нависанда ва шоири маъруф аст, балки бунёдгузори илму фарҳанги навини халқи тоҷик низ ба шумор меравад. Ӯ аз зумраи бузургтарин фарзанзишманд аст. Ҳарчанд суннатҳои адабиётшиносӣ дар асрҳои гузашта вуҷуд доштанд, вале аввалин асарҳои илмии адабиётшиносӣ ба мафҳуми имрӯзиаш дар ибтидои асри XX маҳз дар Самарқанди бостонию бӯстонӣ аз ҷониби ӯ навишта шудааанд. Чунончи, тазкираи беназири ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926, бо ҳуруфи арабӣ) ҳамин гуна тадқиқоти арзишманде буд, ки аз ҷиҳати вуқуфи комил доштани муаллифаш аз таърихи ғании адабиёти мумтози форс-тоҷик, пухтакорӣ ва амиқияти муҳокимаронӣҳо, дурустфаҳмию дурустбаҳодиҳӣ ба шахсияту осори шоирони гузашта, ташхиси дурусти классикон ва мавқеи онҳо мақому манзалати баланди илмӣ дорад. Дар қисматҳои ин китоби бузург таъриҳи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик дар мисоли шахсияту осори 221 шоири соҳибсабк шарҳ ёфтааст, ки 35 нафари онҳо нисбаи самарқандӣ доштанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар қисмати аввали тазкира аз шоирони асрҳои X-XVIII Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Амир Муиззӣ, Рашидии Самарқандӣ, Низоми Арӯзӣ, Ашрафи Муиниддин, Ҳаким Сӯзанӣ, Рӯҳии Самарқандӣ, Сайфиддин Исфарангии Самарқандӣ, Ҳоҷа Абдулмалик, Бисотии Самарқандӣ, Риёзии Самарқандӣ, Давлатшоҳ ибни Алоуддавла Бахтшоҳ, Мирҳоҷии Самарқандӣ, Вачҳии Самарқандӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Муъмини Самарқандӣ, Сайид Роқим, Фитрати Зардӯзӣ, Исматӣ – духтари Қозии Самарқандӣ, Оиша – аз аҳли Самарқанд, яъне ҷамъ 20 нафар ва дар қисмати дуюм аз шоирони охири асри XVIII ва аввали асри XX Адо – Султонҳоҷа Шайх-ул-ислом Аҳрорӣ, Қорӣ Масеҳо Тамҳид, Забеҳо Яҳудии Самарқандӣ, Мирзо Раҳими Девона, Мирзо Абдулкарими Сипандӣ, Абдушакур Шакурии Самарқандӣ, Сайид Аҳмадва намунаи осори шоироне, ки дар ҳудуди солҳои 1905-1925 фаъолият доштанд, чун Саидризо Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ шарҳу тафсир шудаанд.

Хидматҳои С.Айнӣ дар пешрафти илми забоншиносии тоҷик низ шоистаи қадршиносист. Аввалин мақолаҳои ӯ «Масъалаи маориф ва китоб», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», «Дар хоҷа Сиддиқии Ачзӣ, Мирзо Абдулло Файёз, Мирзо Акрами Фикрӣ, Қозӣ Абдуҷаббори Ургутӣ, Қозӣ Абутоҳирхоҷаи Наво, Сайид Аҳмади Васлӣ, Мирзо Назруддини Ҳодӣ – ҷамъ 13 нафар ва дар қисмати сеюми тазкира ном бораи китобҳои мактабии тоҷикон», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ва ҳоказо оиди масъалаҳои забоншиносӣ дар Самарқанд навишта шуда, дар онҳо содагиву покизагӣ ва ба мардум наздик кардани забони адабии тоҷик, омӯхтан ва истифода кардан аз сарвати лаҳҷаҳо, бахусус, амиқ таҳқиқ шудаанд.

Забоншиноси маъруф Носирҷон Маъсумӣ дар китоби «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» овардааст: «Садриддин Айнӣ асосгузори услуби нав дар забони ҳозираи адабии тоҷик ҳисоб меёбад, ки инкишофи минбаъдаи он бо фаъолияти илмӣ ва адабии худи Айнӣ сахт вобаста аст».

Устод Айнӣ дар тарбияи суханшиносони Самарқанд, бешубҳа, саҳми муносиб дорад. Маҳз ба туфайли роҳнамоии ӯ дар ин ҷо Саидризо Ализода (1887-1943) нахустин алифбои тоҷикӣ «Китоби нахустин» (1920), асари илмии «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1926)-ро навишта, аз забонҳои қадимӣ будани забони тоҷикӣ ва дорои қоидаҳои хеле мукаммалу қавӣ будани онро ба исбот расондааст.

Ин амали хайру савоби ўро муаллимиҳои фидоӣ ва фозили пуркору пурбор Тӯрақул Зеҳнӣ (1891-1983) ба танҳоӣ ва ҳам бо ҳамқаламии рафиқони ҳамкораш давом дода, барои мактаббачагон китобҳои қироатӣ бо номи «Омӯзиш», китоби дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-ро менависад. Бахусус, китоби дарсии ӯ «Сарфи забони тоҷикӣ», ки бо ҳамкории Ҳомид Бақозода (1910-1943) барои хонандагони синфи 5-уми мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ҳамон солҳо навишта шудааст, аҳамияти калонро соҳиб буд. Аввалин муаллимони самарқандӣ ва муҳаққиқони сухан Абдуқодир Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Абдусалом Деҳотӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Раҳим Ҳошим, Обид Исматӣ, Вадуд Маҳмудӣ низ дар пайравии Устод Айниву Саидризо Ализода ба омӯзиши забону адабиёти тоҷик ва таълиму тадриси он камари ҳиммат бастаанд.

Устод Айнӣ дар китоби «Таъриҳи амирони манғитияи Бухоро» воқеаҳои таъриҳии Самарқандро дақиқ назарона қаламдод намудааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

Хубони порсигӯ

БИБӢ (БЕДИЛӢ)

Яке аз шоираҳое, ки дар як қатор тазкираҳои нисвон номаш қайд шудааст, Бедилӣ мебошад. Бедилӣ тахаллус буда, Бибӣ номи аслии ӯ аст. Ӯ бонуи Шайх Абдуллоҳи Девона аст, ки қаринаҳои хешутаборӣ бо Темуриён дошт. Алишер Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» навиштааст: «Шайх Абдулло низ, агарчи салимтабъ воқеъ шуда, аммо маҷнунсифат мардест ва гоҳе назм бар забонаш меояд ва ин матлаъ аз он ҷумла аст:

Мани мискин ба сари
кӯйи ту ҳарчанд давидам,
Гайри оҳею сиришке зи
дилу дида надидам.

Ва дар охир Алишер Навоӣ ишора мекунад: «Чунон маълум шуд, ки волидааш низ шеър мегӯяд ва Бедилӣ тахаллус мекунад. Тавон гуфт, ки дар хонаи ӯ марду зан хуштабъанд».

Дар тазкираи нисвони форсизабонон дар бораи ӯ маълумоти бештар ба назар мерасад. Дар «Равзат-ус-салотин»-и Фахрии Ҳиравӣ чунин оварда шудааст: «Бедилӣ дар ҳарами Мавлоно Шайх Абдуллоҳи Девона буд» ва дар китоби Могаҳ Раҳмонӣ «Парданишинони сухангӯ» баъди тавсифи Бедилӣ чунин омадааст: «Писари ӯ Шайхзода Ансорӣ ном дошт ва низ шеър месуруд. Ин шоир дар қарни нӯҳум (XV-уми милодӣ) дар ахди Тимуриёни Ҳирот ҳаёт дошта». Ва дар ҳамин ҷо эзоҳ дода мешавад, ки шеърҳои Бибӣ ва Бедилиро бисёр вақт ғалат муаррифӣ мекунанд, ҳол он ки Бедилиро тариқи фарзандаш Ансорӣ хуб мешиносанд. Писари ӯ бо тахаллуси Шайхзода Ансорӣ машҳур буда, дар ахди Темуриён дар Ҳирот зиндагонӣ кардааст. Равшаниро ба ин масъала Алишер Навоӣ андохтааст. Дар тавсифи Ансорӣ ӯ менависад: «Шайхзодаи Ансорӣ писари Шайх Абдулло Девона аст. Аз хурдӣ боз ба таҳсил машғулӣ мекунад ва дар фанни гуфтану шунуфтани муаммо аз табъи ӯ бисёр мулозимат зоҳир мешавад. Чунон маълум шуд, ки волидааш низ шеър мегӯяд ва Бедилӣ тахаллус мекунад. Ин матлаъро ба ӯ мансуб медонанд:

Равам ба боғу зи наргиси
ду дида вом кунам,
Ки то назораи он сарви
хушхиром кунам».

Писари Бедилӣ Шайхзодаи Ансорӣ бо номи Ҳоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ машҳур буда, соли 1006 дар Кӯҳандижи Ҳирот таваллуд шудааст. Ӯро чун яке аз пешвоёни соҳаи тасаввуф ва фиқҳ мешиносанд, ки лақаби «Пири Ҳирот»-ро гирифта буд. Ғайр аз се девони шеъри ӯ муаллифи асарҳои «Илоҳинома», «Ганҷнома», «Сад майдон», «Насоеҳ» ва «Табақоту-ссуфия» аст. Ӯ асари машҳури худ «Манозил-ус-сойирин»-ро соли 1082 бо санъати баланди саҷъ ба табъ расонидааст.

Ҳамин тавр, дар баъзе сарчашмаҳо зери номи Бибӣ шоираи маъруфи ахди темурӣ Бедилӣ дар назар дошта шуда, шеърҳои ӯ пароканда аст ва то ба имрӯз мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Ин оила низ дар тарвиҷи илми дин ва адаб дар таъриҳ нақши муассири ҳудро гузоштаанд ва фарзанди солеҳ тарбия намуда, номи ҳудро мушарраф гардонидааанд.

Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА.

ХОНАИ УМЕДИ АҲЛИ ИЛМУ АДАБ

Дар Самарқанд низ ба зодрӯзи Устод Айнӣ тайёрӣ мебинанд. Дар Хона-музейи Устод баргузор намудани чорабиниҳо дар мадди назар аст.
Бо ҳамин муносибат мухбирамон бо директори осорхона Амриддин ПӮЛОДӢ суҳбат орост.

– Мӯҳтарам, Амриддин Саврид-динович, мо хабардор ҳастем, ки Устод бештарини асарҳои худро дар ҳамин хона-музей эҷод кардааанд.

– Дуруст гуфтед, воқеан, фаъолияти асосии осорхонаи мо пеш аз ҳама таблиғи Садриддин Айнӣ ба ҳайси як нависандаи бузургест, ки бо повести “Қорӣ Ишкамба” дар замони мо классики адабиёти ҷаҳонӣ шуда, дар қатори нависандагони бузург ҷой гирифтааст.

«Дар тӯли ҳаёти худ ман китобҳои зиёде навиштаам ва ҳамаи онҳо ба як мавзӯъ бахшида шудааанд, ки аз як мавод иборатанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кишвари кӯҳистони ман, ки қуллаҳои Помир дар болои олам баланд бардоштаанд, дар бораи ватани ман, ки дар гузашта тӯдаҳои бешумори истилогарон зери пой карданд, дар бораи фарди ин сарзамин, ки дар асри VII милодӣ «тоҷик» номгузорӣ шуда буд...», навиштааст Садриддин Айнӣ.

Эҳтиромона «Хонаи мо» меномем мо Хона-музейи Садриддин Айниро, ки барои ӯ хеле азиз буд. «Пас аз инқилоби феврал, ман аз Бухорои амирӣ ба Самарқанд гурехтам ва дар ин ҷо барои иқомати доимӣ ҷойгир шудам. Пас аз Инқилоби Сотсиалистии Октябр, ман худам дар Самарқанд хона сохтам ва фаъолияти эҷодии ман асосан аз ҳамин хона оғоз ёфт. Аз «Ҷаллодони Бухоро» сар карда ва бо «Хотираҳо»-и ман, ки ҳоло дар бораи қисми VI-и он корамро идома медиҳам, тамоми асарҳои бадеӣ ва илмӣ дар ин хона навишта шуда буданд ва дар баробари рушди фаъолияти эҷодии ман, ба сохтмони ин хона низ идома дода шуд ... Ин хона, гӯё дар фаъолияти эҷодии ман ҳамсафари ман гашт: ҳама ҳуҷраҳо, ҷевонҳо ва ҷойгоҳҳои деворӣ дар он аз лоиҳаҳо ва дастхатҳои мустақиман бо асарҳои ман пур буданд ва ба назарам, ки ҳар хишти ин хона бо кори ман зич алоқаманд аст...», мегуфт Айнӣ.

Дар ин хона тақрибан тамоми шоиру нависандагони тоҷику ўзбек дуою ризоияти Устодро гирифтаанд. Хона ба мактаби Айнӣ табдил ёфт, ки қонун ва анъанаҳои хоси ҳудро дошт. Таҳсил дар ин мактаб барои аксари адибон шараф буд. Дар ин хона чунин як фазои бузургӣ, илҳом, ҷустуҷӯйи камолот ташаккул ёфт, ки то имрӯз идома дорад. Ҳуди ҷойгиршавии хона рамзист. Охир, хона дар паҳлӯи ансамбли бошукӯҳи Регистон ҷойгир аст, ки замоне дар он ба ном донишгоҳи олими бузург, арбоби давлатӣ Мирзо Улуғбек фаъолият мекард. Хона дар маҳаллаи Растаи Нав ҷойгир буд, ки дар он нависандагон, навозандагон, устодони санъати амалии халқӣ зиндагӣ мекарданд. Дар ин ҷо беҳтарин намояндагони илм, санъат, фарҳанг ва адабиёт ҷамъ омадаанд, истеъдодҳои нав тавлид шуданд, ситораҳои нав фурӯзон шуданд, заминаи кашфиётҳои илмӣ гузошта шуд.

Аз ин хона Айнӣ дар ташаккули Тоҷикистон, аввал ҳамчун ҷумҳурии автономӣ ва сипас ҳамчун як ҷумҳурии алоҳида ва мустақил ширкат, варзид. Аз ин хона, Айнӣ ҳамчун президенти Академияи илмҳо, раванди илмиро дар Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Дар ин хона саҳифаҳои рӯзномаҳои «Ҳуррият», «Овози тоҷик», маҷаллаи «Шӯъилаи Инқилоб» ташаккул ёфтаанд.

– Таъриҳ гувоҳ аст, ки 2-3 маротиба “абри сиёҳ” болои Хона-музейи Устод пайдо шуда буд...

– Ин гап ҳақ асту рост аст. Шахсан худам хабардорам, ки солҳои дар атрофи Регистон бунёд гардидани хонаҳои истиқоматии баландошёна хатари аз байн бурдани ҳамин манзил ба миён омад. Хушбахтона, журналисти бебок Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода (илоҳо ҷояш дар ҷаннат бошад!) ва дигар равшанфикрон барои эҳёи хона-музей талош варзиданд, он нигоҳ дошта шуд...

Ҳамаи ин хеле муҳим аст, аммо муҳимтар аз ҳама ба осорхона ташриф овардани касонест, ки ин хона барояшон азиз аст.

Мусоҳиб

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири “Овози тоҷик” дар вилояти Самарқанд.

Мужда

МАКТАБИ ПРЕЗИДЕНТӢ МЕСОЗАНД

Дар шаҳри Ҷиззах сохтмони мактаби Президентӣ давом дорад, ки бар ивази 25 миллиард сӯм барпо мегардад. Дар кори сохтмон 160 нафар коргарон, устоён, пардозчиён, кафшергарон меҳнат мекунанд.

То имрӯз навад дар сади корҳо ба иҷро расиданд. Мактаб толори варзишии гимнастика, ҳавзи шиноварӣ, майдончаи футбол, волейбол ва баскетбол дорад. Хобгоҳаш ҳам хеле шинам аст. Китобхона ва синфхонаҳо дорои ҷиҳозҳои зарурии замонавӣ мебошанд.

Дар назар аст, ки мактаб моҳи май ба истифода супурда шавад.

Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Бо мақсади беҳтар кардани сифати таълими фанни физика дар мактаби миёнаи рақами 23-юми шаҳри Бухоро муаллимаи кафедраи факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Бухоро Нилуфар Йӯлдошева ба он ҷалб карда шудааст.

Омӯзгор дарсҳояшро бо усули интерфаъол мебарад. Ӯ дар мактаб бинобар анъанаи «Устоду шогирд» маҳфили физикаро созмон додааст. Бо вуҷуди он ки фаъолияти омӯзгории ӯ беш аз се сол нест, муаллима туфайли ҷустуҷӯҳои эҷодӣ кори илмӣ низ мебарад.

Дар сурат: *муаллимаи кафедраи факултаи физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Бухоро* ***Нилуфар Йӯлдошева.***

Суратгир: Т.ИСТАДОВ (ЎзА).

Маҳфили ёдбуд

«БАҲОР ОМАД, КУҶОЙ ТУ, АЁ ДӮСТ?!»

Дар ҷое овардааанд, ки шеър зодаи тахайюл аст, таҷаллиест аз рӯҳ ба ҷаҳони торик, нури маънавият, нури илоҳист.

Фарзанди фарзонаи Фориш, зодаи деҳаи Гарашаи ноҳия Саъдулло Ҳаким умре суханро пос дошт, амиқ дарк намуд, ки шеър маҳсули тахайюл аст. Ба осори бузургон арҷ гузошт, ҳифз намуд. Дар маҷмӯаҳои шеъриаш «Кӯҳна нақл» («Нақли куҳан»), «Ёз оқшоми» («Шаби тобистон»), «Сен кутган баҳор» («Баҳоре, ки интизораш будӣ») маъниҳои бикр ифода ёфтааанд.

Саъдулло Ҳаким таҳсилро дар шаҳри Тошканд давом дода, баъд аз хатми он дар идораҳои гуногун кор кард. Сармуҳарририи рӯзномаҳои бонуфузро бар ӯҳда дошт. Иттиҳоди эҷодии рӯзноманигорони ҷумҳуриро низ роҳбарӣ намуд.

Дар маҳфили ёдбуди шоир ва публитсист, Ходими шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ Саъдулло Ҳаким, ки ба муносибати 70 солагии зодрӯзаш дар ноҳияи Фориш баргузор гардид, дӯстон, наздикон ва пайвандонаш аз фазилатҳои неки ӯ ёд карданд. Аз ҳампешагони ӯ, Журналисти шоистаи ҷумҳурӣ Шӯҳрат Ҷабборов, корманди рӯзномаи «Жиззах овози» Асад Мустафоев гуфтанд, ки дар солҳои роҳбарии Саъдулло Ҳаким як андоза Иттиҳоди эҷодии рӯзноманигорон нуфуз пайдо кард. Сухани журналист қадр ёфт. Барои таҳия ва танзими низом ва этикаи журналист шодравон саҳм гирифт.

Писари шоир Ойбек Ҳакимов барои баргузории маҳфили ёдбуд ба Иттиҳоди эҷодӣ арзи сипос намуд. «Мо ҳамеша кӯшиш мекунем, ки фарзанди муносиби падар бошем ва корномаҳои ӯро дар лавҳи хотир нигоҳ дорем», – гуфт ӯ.

Даме, ки шоири шодравон дар сурати деворӣ бо ҳамон табассуми малеҳ ва нигоҳи самимӣ акс ёфта буд, дӯстону ҳамзамононаш бо назари суол ба ӯ менигаристанд ва мепурсиданд:

«Баҳор омад, кучӣ ту, аё дӯст?!»

Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Дар арзҳои дӯстӣ

ОЛИМИ НУКТАСАНҶИ ДУ ХАЛҚИ БАРОДАР

Овони донишҷӯйӣ ва таҳсил дар аспирантура бо таълифоти яке аз донишмандони адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ, сарвари адабиётшиносон ва аҳли адаби ўзбеки Тоҷикистони бародарӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Эргаш Шодиев ошнӣ дошам. Соли 1973 ходимони Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом аз ман хоҳиш карданд, ки ба монографияи ӯ — «Таъриҳи робитаҳои адабии ўзбеку тоҷик» тақриз бинависам. Вақте сар ба хондани китоб фурӯ бурдам, дидам, ки олим ба ҳамкорӣ ва робитаҳои адабии ду халқи савту садо ва созу навояш ҳамгун амиқ фурӯ рафта, паҳлуҳои навашро ошкор намудааст. Тақризро дар рӯзи ваъдагӣ ба нашриёт супурдам. Бад-ин тариқ, ҳусни таваҷҷӯҳам ба навиштаҳои донишманд зиёд шуд.

Адабиётшинос Э. Шодиев соли 1932 дар оилаи хидматчии Конибодом дида ба дунё кушодааст. Баъди хатми мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ хонданро дар омӯзишгоҳи педагогии мардона идома дод, соли 1951 факултаи забон ва адабиёти Донишкадаи педагогии Ҳуҷандро хатм намуд. Бояд гуфт, ки Э. Шодиев ҳангоми таҳсил дар донишкада дар корҳои ҷамоатӣ ва маҳфилҳои илмию адабӣ фаъол иштирок мекард. Роҳбарияти факултет бо назардошти иқтидору истеъдодаш ўро, баъди хатми донишкада, ба кори лаборантии факултети мазкур ҷалб намуд.

Э. Шодиев аз он рӯз ба олами ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш ворид шуд. Дили ўро осори шоир ва мутафаккири бузург Алишер Навоӣ тасхир карда буд. Олими ҷавон дар ин даргоҳи илм баробари дар вазифаҳои омӯзгор, омӯзгори калон, дотсент, мудири кафедра фаъолият нишон додан, корҳои тадқиқотиро низ анҷом дод: ба забонҳои ўзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ мақолаҳо эълон кард, дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърӯзаҳои илмӣ ширкат ҷуст, китобе чанд ба дасти чоп супурд.

Таҳти роҳбарии навоишиноси барҷаста А. Ҳайитметов дар мавзӯи «Доир ба масъалаи муносибати Алишер Навоӣ ба адабиёти форс-тоҷик» рисолаи номзадӣ, баъди соле чанд доир ба мавзӯи «Анъанаи зуллисонайнӣ дар эҷодиёти шоирони асри XIX Ҳуҷанд» рисолаи докториашро дифоъ намуд.

Вақте ба бисоти маънавии Э. Шодиев назар меандозем, чашмамон ба беш аз 40 китоб, мақолаҳои зиёди илмӣ меафтад. Доираи мавзӯи ин осор васеъ буда, дар онҳо навгониҳо низ ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, мо лозим донистем, ки эҷодиёти Э. Шодиевро бино ба самтҳои зерин тасниф намоем.

Якум, Эргаш Шодиев дар солҳои гуногун доир ба мероси маънавии Навоӣ ба забонҳои ўзбекӣ ва тоҷикӣ танҳо дар асоси манбаъҳои хаттӣ мақолае чанд таълиф намуда, китобҳои зеринро таҳти номҳои «Навоишиносӣ дар Тоҷикистон» (1960), «Доир ба масъалаи муносибати Алишер Навоӣ ба адабиёти тоҷик» (1964), «Алишер Навоӣ ва салафони ӯ» (1967), «Алишер Навоӣ ва адибони тоҷик» (1969), «Алишер Навоӣ ва адибони форс-тоҷик» (1989) ва «Фазилатҳои ҳазрати Алишер Навоӣ» (1994) ба дасти чоп супурд. Тадқиқоти мазкур аз як тараф бобати ба шаҳрвандони Тоҷикистон муаррифӣ намудани зиндагинома ва эҷодиёти Навоӣ вазифаи илмию маърифатиро иҷро карда бошад, аз ҷониби дигар доир ба мазмуну мундариҷаи ашъори тоҷикии Навоӣ (Фонӣ), хусусан, рӯҳи иҷтимоӣ, ахлоқию таълимии қитъаҳо ва маҳорати сухангустарии шоири бузург мулоҳизаҳои навро пешниҳод намуда, сазовори эътирофу эътибори аҳли илм гардидааст.

Профессор Эргаш Шодиев дар зинаҳои аввали эҷод доир ба таъсири мутақобилаи адабиёти халқҳои тоҷику ўзбек, анъанаи зуллисонайнӣ мақолаҳои зиёд эълон намуд. Ин аст, ки бо мурури вақт асарҳои пурқимати ӯ «Аз таъриҳи робитаҳои адабии ўзбеку тоҷик», «Анъанаи зуллисонайнӣ дар адабиёт», «Саҳифаҳои равобити адабӣ» ва дигар таълифоти ӯ рӯйи чопро диданд. Ӯ зиндагинома ва осори шоирони зуллисонайни ба аҳли илму адаб номаълумро, аз қабили Юсуфи Сарёмӣ, Фахрии Рӯмонӣ, Тошҳоҷа Асирӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Файёзи Ҳоқӣ, Туғрал, Нозил, Носих, Кошиф, Ҳотиф, Қамбархон, Бибишарифа батафсил таҳлил намуда, биографияи илмии мукаммал офарид.

Устод дар он ақида буд, ки танҳо баъди осори шоирони дузабонаро комилан мавриди таҳлил қарор додан, метавон доир ба мероси маънавии онҳо хулосаи илмӣ баровард, вагарна фикр яктарафа хоҳад шуд. Пас, самти дуюми эҷодиёти Эргаш Шодиевро таъриҳи робитаҳои адабӣ ва тадқиқи анъанаи зуллисонайнӣ ташкил медиҳад.

Ҳуҷанди бостонӣ дар ҳамаи асру замонҳо аз марказҳои илму фан, фарҳанг ва адабиёт маҳсуб меёфт. Донишманди фалакиёт Абумаҳмуд низ, бино ба эътирофи Абурайҳон Берунӣ — ягонаи даврон, аз ҳуҷандиҳост. Эргаш Шодиев то охири умр (2005) тӯли чанд сол тазкира, осори таъриҳӣ, баёз ва девонҳоеро, ки дар Институти шарқшиносии ба номи Берунии Ўзбекистон, Институти шарқшиносии ФУ Тоҷикистон ва осорхонаи адабиёти Хӯқанд (Қӯқанд) маҳфузанд, мӯшикофона омӯхта, ҳаёт ва эҷодиёти беш аз сӣ намояндаи доираи адабии Ҳуҷандро мавриди таҳлил қарор дод ва ба забонҳои тоҷикию ўзбекӣ таълифоти зиёде эълон кард. «Тазкираи шоирони Ҳуҷанд» (1993), «Хӯҷанд шоирлари тазкираси» (2001), «Фазлий Намангонӣ ва Ҳуҷанд шоирлари» («Фазлии Намангонӣ ва шоирони Ҳуҷанд») (1993), «Нозил Ҳуҷандий ва ўзбек адабиёти» («Нозили Ҳуҷандӣ ва адабиёти ўзбек») (1993) «Бибишарифа Ожиз Ҳуҷандий» («Бибишарифа Оҷизи Ҳуҷандӣ») маҳсули ҳамон тадқиқотанд. Дар рисолаҳои мазкур тарҷумаи намунаҳои назм ба қалами худи муаллиф тааллуқ дорад. Олим барои китоби «Тазкираи шоирони Ҳуҷанд» соли 1999 сазовори мукофоти ба номи Камоли Ҳуҷандӣ гардидааст. Устод аз он ки табиати шоирӣ дошт, дар баробари намунаҳои шеъри шуарои тоҷик, шеърҳои шоирони рус Александр Каваленков, Степан Шчипаев, Сергей Смирнов ва Александр Суриковро низ ба мулки маънавии хонандагони ўзбек табдил додааст.

Ӯ тӯли солҳои гуногун ба рушди таълими халқ ва муассисаҳои таълими олӣ саҳм гузошт, барои муассисаҳои таълими олӣ ва мактабҳои таълими ҳамагонии ўзбекии Тоҷикистон китобҳои дарсӣ тартиб дод, доир ба фанни адабиёт маҷмӯаҳо таълиф намуд.

Таҳти роҳбарии ӯ чанд тоҷикистонӣ ва ўзбекистонии ташнаи илм қуллаҳои адабиётшиносиро фатҳ намуданд, ки дар байни онҳо докторони улуми филологӣ, профессорон Раҳим Воҳидов, Шариф Юсуфов, Раҳмонқул Орзибеков ва Бегалӣ Қосимовҳо низ ҳастанд.

Олими нуктасанҷ ва педагоги моҳир Эргаш Шодиев, дар баробари саҳм гузоштан ба рушди таълими халқ ва илму фанни ҷумҳурӣ, соли 1994 академики Академияи халқҳои Осиёи Марказӣ шуд, соли 2001 бошад, узви вобастаи Академияи байналхалқии фанҳои педагогикаи Русия гардид.

Э. Шодиев бо ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои Тоҷикистон сарфароз гардонда шудааст.

Таълифоти олими барҷастаи ду халқи бародар, тарҷумаҳои бадеии ӯ солиёни зиёде ба камолоти олимони ҷавон ва ғановати маънавии насли наврас хидмат хоҳанд кард.

Ҳамидҷон ҲОМИДӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Қарор ва иҷро

Фаъолияти эҷодӣ ё касбие, ки бо истифода аз меҳнати дастӣ, асбобу ускуна ва воситаҳои хурди механизатсионӣ ба истеҳсол ё кор карда баровардани ашёву асбобҳои маишӣ, хонаву рӯзгор ва ашёҳои бадеӣ нигаронида шудааст, ҳунармандист.

Дар асоси қонун оиди фаъолияти ҳунармандӣ, шахсе, ки ба ин гуна фаъолият мепардозад, бояд ба сифати ҳунарманд дар рӯйхати давлатӣ номнавис гардад. Вай чун шахси ҷисмонӣ дар ин соҳа фаъолият бурда, метавонад аз имтиёзҳое, ки барои ҳунармандон муайян карда шудаанд, истифода намояд. Шахси ба мақоми ҳунарманд молик ба таври мустақил ё ҳамроҳ бо шогирдони худ озодона фаъолият ба роҳ гузоштанаш мумкин.



РАВНАҚИ ҲУНАРМАНДИИ ХАЛҚӢ ДАР РӮЗГОРИ МО

Бинобар сабабҳои ҳамоҳанг набудани фаъолияти ҳунарманд ба самтҳое, ки аз ҷониби Шӯрои бадеӣ нишон дода шудааст ва дар вазъи напардохтани бадали аъзогии иттиҳодия фаъолияти ӯ қатъёфта ҳисобида мешавад.

Ҳунарманд дар як вақт метавонад ба сифати соҳибкори якка низ аз рӯйхати давлатӣ гузарад.

Фаъолияти ҳунарманд дар асоси самтҳое, ки худи ӯ муайян кардааст, ба амал бароварда шуда, ин дар гувоҳнома оиди номнависшавиаш дар рӯйхати давлатӣ инъикос меёбад. Ҳунарманд дар ҷараёни омодасозӣ ва фурӯши маҳсулоти худ ҳаҷ дорад аз ҳама зиёдаш то 10 нафар шогирдро ба худ ҷалб намояд. Гаҷкорӣ, гилемдӯзӣ, матоъбофӣ, кандакорӣ, сангтарошӣ, миниатюра, санъати тасвирӣ-нақкошӣ, хаттотӣ, асбобҳои ороишӣ, китобат, муқовасозии варақ, оҳангарӣ, тунукасозӣ, косибӣ, омодасозии либосҳои миллӣ, аз ҷумла тоқидӯзӣ, чӯбкорӣ, дӯзандагӣ, кашидадӯзӣ, зардӯзӣ, омодасозии асбобу ускунаҳои мусиқӣ, кулолгарӣ, чиннисозӣ, заргарӣ, бозича, ашёҳои мучассамавии хурд, чармгарӣ, мебелсозӣ, дуредгарӣ, сабатбофӣ, шишасозӣ, соатсозӣ, корҳои рангу бор, омодасозии маҳсулоти амалии ороишӣ, гулпартоӣ ба матоъ ва амсоли онҳо самт ва навъҳои ҳунармандӣ мебошанд, ки ҳар яке таърихи дерин дошта, дар рӯзҳои мо бинобар ғамхорӣ ва эътибор ба соҳа равнақи тоза ёфтаанд.

Халқи мо аз қадим ба ҳунармандӣ моил буду онро ба дараҷаи санъат расонд ва бо маҳсулоти ҳунармандӣ мӯъҷизаҳо офарид, эътибори дунёро ба ҳуд кашид. Корвонҳое, ки дар Роҳи бузурги абрешим ҳаракат доштанд, дар навбати аввал борҳоеро мекашонданд, ки мутааллиқ ба маҳсулоти ҳунармандӣ буданд.

Ҳунармандӣ вобаста ба мавҷудияти захираҳои табиӣ, масалан, дар ҷойҳое, ки пахта ва пилла парвариш меёбад – бофандагӣ, дар ҷое, ки ашёи хоми хушсифат мавҷуд – кулолгарӣ, дар ҷое, ки мӯина ва пӯст зиёд аст, матоъбофию чармгарӣ, дар мавзеъҳои наздиҷангал – мебелсозӣ, дар соҳили дарё ё баҳрҳо – киштисозӣ ривоҷу равнақ меёфт. Се навъи ҳунармандӣ – ҳунармандии хона, омодасозии маҳсулот дар асоси фармоиш ва истеҳсоли ашёи ҳунармандӣ барои бозор ташаккул ёфта, онҳо қисми ҷудонопазири хоҷагии асл ҳисоб ёфтаанд. Ҳунармандӣ хусусан дар се-чаҳор соли охир дар ҳамаи ҳудудҳои ҷумҳурӣ равнақ ёфт. Татбиқи амалии худ ёфтани як қатор нуктаҳои фармону қарори роҳбари давлат дар бораи чораҳои боз ҳам ривоҷ додани ҳунармандӣ ва дастгирии ҳарҷонибаи ҳунармандон самараи худ мебахшад. Барои ҳарҷониба пеш бурдани соҳа, нигоҳ доштани анъанаҳои бисёрасра, пуштбонии моддию маънавии онҳое, ки ба ҳунармандӣ машғуланд, чораҳо андешида мешаванд. Ин аст, ки ҳунармандӣ торафт оммаи васеъро ба сафҳои худ ҷалб месозад. Дар вазъи истифодаи васеъ аз салоҳияти сайёҳӣ муташаккилона марказҳои ҳунармандӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Захираҳои даркории молиявӣ ва ашёи хом барои ҳунармандон ҷудо карда мешаванд. Дар ҷудо кардани майдонҳои замин ва биноҳо барои ҳунармандон, ба нуқтаҳои муҳандисӣ-коммуникатсионӣ пайвастани онҳо, додани вомҳои имтиёзнок, дар шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ кушодани марказҳои ҳунармандӣ, такмил додани фаъолияти мактабҳои «Устод-шогирд» як қатор корҳои муҳим ба анҷом расонда шуданд. Нуфузи Иттиҳодияи «Ҳунарманд», ки доираи васеи аҳли ҳунарро гирди худ муттаҳид сохтааст, баланд гардид. Чунончи, мавқеи раиси ин иттиҳодия ба ҷонишини раиси Палатаи савдою саноат баробар шудааст. Марказҳои ба соҳибкорӣ кӯмакрасон, ки таҳти тасарруфи Палатаи савдою саноат қарор доранд, барои фаъолияти ҳудро ташкил кардани ҳунармандон, равнақи тиҷорати онҳо, ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои ҳунармандӣ, ташкил кардани намоишҳо барои ҳунармандоне, ки фаъолияти ҳудро дубора оғоз намудаанд, аз наздик ёрӣ мерасонанд.

Ҳунармандон маҳсулоти экспорткардаи ҳудро озодона истифода ва валютаи хориҷиро ба тасарруф дароварда метавонанд. Онҳо ҳуқуқ доранд бидуни шартномаи экспортӣ дар намоиш, ҷашнвора, ярмаркаҳои ҳунармандӣ, ки дар хориҷ баргузор мегарданд, маҳсулоти ҳудро озодона фурӯшанд.

Ба масъалаҳои омӯзондани ҳунар ба ҷавонон, аз авлод ба авлод гузаронидани малакаи ҳунармандӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Дар коллеҷҳои касбу ҳунар оиди ташкил кардани кор ва таълими ҳунармандӣ кушодани самтҳои нави таълими касбӣ ҳамеша мавриди назар аст. Дар омӯзондани ҳунар, мисли соҳибкории якка, ҳуқуқи шартнома бастан дода шудааст, вале барои хидматҳои таълимии расондашуда андоз талаб карда намешавад.

Дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ оиди ташкил кардан ва ривоҷ додани объектҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла, музей-устохонаҳо, мактабҳои «Устод-шогирд», марказҳои ахбору захира оиди равнақи ҳунармандӣ чораҳои маҷмӯӣ тасдиқ карда шудаанд.

Қобили таваҷҷӯҳ боз он ки бо услуби меъмории таъриҳию анъанавӣ марказҳои рушди ҳунармандӣ барпо ва бо мақсади ҷалби васеи сайёҳон ба ҳудуд дар намои «бозори шарқонаи таъриҳӣ» растаҳои тиҷоратӣ, корвонсаройҳо, майдонҳое, ки ҳунармандон маҳорати касбӣ намоиш медиҳанд, ҷойгир карда мешаванд. Ҳунармандон мисли аҷдод, ки дар як ҷо кору зиндагӣ кардаанд, метавонанд дар ошёнаи аввал устохона ва дӯконҳои тиҷоратиашонро ҷойгир созанд, дар ошёнаи дувум зисту зиндагӣ намоянд. Қарору фармонҳое, ки доир ба равнақ бахшидани ҳунармандӣ вақтҳои охир қабул мешаванд, хусусан, ба бедор шудани шавқу ҳаваси ҷавонон ба омӯзиши сир ва нозукиҳои ҳунар, машғул шуданашон ба ин ё он соҳаи ҳунармандии миллӣ мусоидат менамоянд.

То соли 2017 Иттиҳодияи ҳунармандӣ дар сафҳои ҳуд наздик 10 ҳазор нафар аъзо дошту халос. Имрӯзҳо узви ин иттиҳодия аз 40 ҳазор нафар бештар аст. Назар ба маълумотҳо, танҳо дар 4 соли охир 170 ҳазор нафар аҳолӣ бевосита ба ҳунармандӣ машғул аст ва бо даромади он рӯзгори ҳудро таъмин месозад. Дар мактабҳои ҳунармандӣ бошад, зиёда аз 67 ҳазор нафар ҷавононамон асрори касб меомӯзанд.

Хидматрасонии молиявӣ низ беҳтар шудааст. Наздик 15 ҳазор лоиҳаҳо ба амал бароварда шуданд, ки ба самтҳои ҳунармандӣ равона карда шудаанд. Бо азҳуд кардани 580 миллиард сӯм воме, ки ҷудо гашт, доираи васеи ҳунармандон фаъолияташонро густариш бахшиданд.

23 марти соли 2021 боз як фармони роҳбари давлат ба имзо расид, ки ба рушди кулолгарӣ равона шудааст. Дар асоси ин ҳуҷҷат дар 16 мамлакати дунё кушодани 26 хонаи савдо ва ташкили толорҳои намоишӣ ба нақша даромадааст.

Дар ҳар як вилояти ҷумҳурӣ барои маҳсулоти ҳудро фурӯҳтани ҳунармандон марказҳои тиҷоратии онлайн фаъолият пеш мебаранд. Масъалаи ба фармоишгарон расонда додани маҳсулоти ҳунармандӣ низ ҳал мешавад.

Алҳол дар ҷумҳурӣ 31 маркази рушди ҳунармандӣ мавҷуд бошад, барпои боз 32 адад ин гуна марказ пешбинӣ гардидааст.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

САДРИДДИН АЙНӢ ВА АҲЛИ ИЛМУ АДАБИ САМАРҚАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар асари «Таърихи Инқилоби Бухоро» бошад, оид ба саршавии ҳаракати маорифпарварӣ маълумоти муфид дода шудааст, ки ба қавли академик Б.Валихоҷаев «ҳамчун манбаъи беҳамтои илмӣ дар омӯхтани соҳаҳои гуногуни таърихи Бухорои шариф ва Самарқанди латиф аҳамияти бузургеро дорост». Биноан, меҳру оқибат, самимияту эҳтиромии мардуми Самарқанд нисбати ӯ бузург аст.

Дар китобҳои бисёрҷилдаи «Ҷашнномаи Айнӣ» ва «Садриддин Айнӣ дар хотири дӯстон ва шогирдон» мақолаҳои илмӣ ва ёддоштҳои пурмӯҳтавои аҳли илму фарҳанги Самарқанд, чун Тӯрақул Зеҳнӣ, Наберахоҷа Валихоҷа, Абдуқодир Ҷомеъ, Ҳасан Ирфон, Фахриддин Маъруфӣ, Исмоил Акрам, Мардонқул Муҳаммадиев, Воҳид Абдулло, Раҳим Муқимов, Ботурхон Валихоҷаев ва дигарҳо ҷойгоҳи муносиб доранд, ки нишони гуфтаҳои болоянд. Чунончи, академик Воҳид Абдулло ёдовар шудааанд, ки ҳанӯз хангоми дар мактаби усули нави Шакурӣ хондан бо Устод Айнӣ вохӯрда, минбаъд шавқи эҷодиёти ӯ якумра дар дил маъво гирифтааст. Тазкираи батозагӣ нашршудаи ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро бо завқи беандоза мутолиа карда, аз файзи суҳбатҳои адиб, ки дар дӯкони Иброҳимҷонака Ниёзӣ (бародари калонии адиби маъруф Фотеҳ Ниёзӣ) ба вуқӯъ мепайвасту он ҷо падари меҳнатқаринашон кор мекард, бо шавқ нақл кардааанд. Олими маъруф ва адиби соҳибистеъдод, профессор Раҳим Муқимов, ки дар ташаккул ва такомули илму тадриси филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд саҳми калон гузоштааст, ба туфайли Ҳабиб Юсуфӣ бо Садриддин Айнӣ шинос гаштану минбаъд зери роҳбарии ӯ дар мавзӯи «Ҳаёт ва фаъолияти адабии Муҳаммад Шариф Гулханӣ» рисолаи номзадӣ навиштан, панду сабақҳои аз ӯ гирифтаашонро бо меҳру садоқат нақл кардааст. Дар мақолаҳои илмии В.Абдуллоев, Р.Муқимов, Ю.Авалиани, Р.Эгамбердиев, Б.Валихоҷаев, Т.Абдуҷабборов, Ш.Шукуров, С.Ҳалимов, А.Қамарзода, А.Воҳидов, И.Ғафуров, Р.Маъруфов ва дигарон дар бораи хидматҳои шоёни Устод Айнӣ дар соҳаи илми филология сухан рафтааст, муҳаққиқи забардасти адабиёт будани ӯ, маҳорати ҳаҷвнигорӣ, методи эҷодӣ, саҳми ӯ дар тадқиқ ва талқини осори Восифӣ, Бедил ва Аҳмади Дониш, мавқеи адиб дар муҳити адабии Самарқанд, роли ӯ дар омӯзиши таъриҳи халқҳои Осиёи Марказӣ, инкишофи лексикографияи нави тоҷик ва таълифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Дар китоби тозанашри «Айнишиносӣ дар Самарқанд» навиштаҷоти пурмуҳтавои аҳли илму эҷоди бадеӣ – Раззоқ Ғаффоров, Шавкат Шукуров, Аслиддин Қамарзода, Амон Воҳидов, Ато Аҳроров, Абдусалом Самадов, Баҳор Ҳуррамзод, Ғафурҷон Маҳмудов, Нуъмон Маҳмудов, Шавкат Ҳасанов, Салим Кенҷа, Абдукарим Ғанизода, Адаш Истад, Нусрат Раҳмат, Бахтиёр Ҷумъа ва дигарҳо гирд оварда шудаанд.

Устод Айнӣ дар тарбияи адабиётшиносони Самарқанд, бешубҳа, саҳми муносиб дорад. Ӯ чандин пажӯҳишгарони ҷавонро ба арсаи илм ҳидоят намуда, нисбаташон ғамхорию раҳнамоӣ намудааст, ки дар байнашон номи муборакі устодон Воҳид Абдулло, Раҳим Муқимов бо эҳтиромі хосса ба забон гирифта мешавад.

Академик Воҳид Абдулло анъанаи неки шогирдпарварии Устод Айниро минбаъд ба сифати мударриси фозил, ректори донишгоҳ (1963-1970) бо меҳру ихлос идома дода, ба рисолаҳои номзадии адабиётшиносони зуллисонайни донишгоҳ Ботурхон Валихоҷаев, Шавкат Шукуров, Солеҳ Ҳалимов ва дигарон роҳбарӣ менамояд, дар камолоти илмии олимони ҷавон саҳм мегирад.

Устод Айнӣ мисли Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ суннатҳои беҳтарини халқҳоямонро дар замони худ идома додааст. Ӯ ба сифати устод ва муаллими маънавии адибони ҳар ду халқ ба Воҳид Абдулло, Исмоил Акрам, Саид Назар, Раъно Узоқова, Мардонқул Муҳаммадқулов, Саида Нарзуллоева, Ҳамдам Бердиёров, Раҳим Муқимов, Олимҷон Орифӣ, Қурбоной Убайдуллоева барин адибон ва олимони Самарқанд ғамхорию раҳнамоӣ намудааст.

Мардуми Самарқанд гавҳаршинос аст. Вай хотираи дурахшони Устод Айниро ҳамеша бо эҳтирофу эҳтиромі беандоза пос медорад. Ба ин маънӣ, агар соли 1964 адабиётшиноси донишгоҳ Мирсафо Атоев таҳти роҳбарии шогирди Устод Айнӣ Раҳим Муқимов дар мавзӯи «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ – нахустин романи таъриҳӣ дар адабиёти тоҷик» рисолаи номзадӣ навиштаву ҳимоя карда бошад, олимони барӯманд Ботурхон Валихоҷаев «Муҳаққиқи бузурги ду адабиёт» (дар ҳамкорӣ бо Раҳим Воҳидов) (Душанбе, 1978), Талъат Абдуҷабборов «Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» (Душанбе, 1978), Абдукарим Ғанизода «Фаъолияти педагогии Садриддин Айнӣ» (Тошканд, 1965) барин рисолаҳои илмӣ навиштааанд. Устоди нуктасанҷ Т.Абдуҷабборов ният дошт, ки дар мавзӯи «Ташаккул ва такомули реализм дар адабиёти тоҷик (дар заминаи асарҳои С.Айнӣ)» рисолаи докторӣ ҳимоя кунад ва бо ҳамин мақсад дар маҷаллаҳои илмии Ӯзбекистону Тоҷикистон даҳҳо мақола нашр намуда буд.

Ҳамин нишони меҳру садоқат нисбати Айнӣ буд, ки устодони зиндаёд Воҳид Абдулло, Раҳим Муқимов, Ботурхон Валихоҷаев узви доимии Кумитаи Айнӣ буданду дар маҷлисҳои он, ки ҳар сол дар Тоҷикистону қадамҷойҳои адиб таҳти унвони «Солонаи Устод Айнӣ» баргузор мегашт, фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои шавқовар баромад мекарданд.

Имрӯз ҳам дар Хона-музейи Устод бо ташаббуси устодони донишгоҳ Аслиддин Қамарзода, Ҷумъақул Ҳамроев ва роҳими ин сатрҳо зуд-зуд суҳбатҳои адабӣ гузаронида мешаванд, фозилону адабиётдӯстон вохӯриҳои ҳудро бо Устод Айнӣ ба хотир меоранд.

Солҳои истиқлол хидматҳои шоистаи Устод Айнӣ баҳри рушду камоли адабиёти бадеӣ ва илму фарҳанги тоҷику ӯзбек барҳаҷ бо ордени «Буюк хизматлари учун» тақдир шудааст, ки мисоли равшани эътибори ҳамешагии давлатамон ба илму адаб ва арҷ гузоштан ба хотираи дурахшони намояндагони бузурги он мебошад.

Абдусалом САМАДОВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

Аз толори суд

ҶАВОНОН ЧАРО РОҲҒУМ МЕЗАНАНД?

Нақшаҳои начиб, меҳнату кӯшиш барои ояндаи дурахшон аст, аммо як қадами нодурусту беандеша сабаби касофату надомат мегардад.

Дареғо, имрӯзҳо баъзе нерӯҳои сиёсӣ тавассути шахсони ақидапарасти кӯтоҳандеш байни умматҳои зудбовару сода фитна ангехта, барои ба нияти нопоки хеш расидан, ҳатто бо сохтакорӣ маъно ва мазмуни ояту ҳадисҳои Қуръони Каримро вайрон карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки алалхусус ҷавонон ба доми маккоронаи эшон афтода, тарки ватани муқаддас, ки хуни нофашон рехтааст, ҳиҷрат ба хориҷ намоянд.

Чӣ ҷойи руст кардан аст, баъзе ҷавонони меҳру муҳаббаташон ба таълимоти ислом афзуда, вале аз ҷараёни мураккаби сиёсии дунё бехабар, ки таҷрибаи ҳаётӣ надоранд, зери таъсири маърӯза ва видеолавҳаҳои нохалафони ватанфурӯш рахгум зада, кӯшиш мекунанд, ки ба кишварҳои оғуштаи ҷангу ҷидоли хунин «ҳиҷрат» намоянд. Уламои олами ислом мафҳуми «ҳиҷрат»-ро талқин карда, бо эҳтиёткорӣ ба он наздик шуданро талқин мекунанд, ки вагарна оқибаташ фоҷиаангез аст. Бояд таъкид намуд, ки «ҳиҷрат» калимаи арабӣ буда, маъноояш кӯчидан аст.

22-юми феврали соли равон суди сайёри оид ба корҳои ҷиноии ноҳияи Самарқанд ба вуқӯъ пайвасту маҳз масъалаи вобаста ба «ҳиҷрат» баррасӣ гардид. Дар курсии сиёҳ ҷавони бистсола Холназар Боймурод (исму насабашро тағйир додем) нишаста, ба атроф музтар менигарист. Маҳкумшаванда дар маҳаллаи Қайнамаи ноҳияи Самарқанд таваллуд ёфтааст, миллаташ ӯзбек, маълумоташ миёнаи махсус, муҷаррад, муқаддам суд нашудааст. Вай баъди хатми синфи 9-уми мактаби рақами 49-и зодгоҳ шомили коллеҷи касбу ҳунари бинокорӣ шуд, вале соли 2019 бо тавсияи падараш ба дини ислом мароқ пайдо карда, ҳар рӯзи ҷумъа дар масҷиди ҷомеъи Дамариқ ба намозхонӣ пардохт. Дар масҷид бо Аҳмад ном шахс ошно шуда, луғати арабиро омӯхт. Бо устодаш шабҳо тавассути интернет маърӯзаҳои динӣ гӯш кард, тавассути шабакаҳои гуногуни ахбор вазъгӯиҳои гуногунро ба телефони дастиаш сабт намуда, ба Аҳмад гуфт, ки барои мусулмони ҳақиқӣ шудан нияти «ҳиҷод» кардан дорад. Ҳатто барои ба муроди дил расидан тавассути Telegram ба шабакаи «савол-ҷавоб» аъзо шуда, аз Аҳлиддин Навқотӣ ном шахс роҳҳои ҳиҷрат ба давлати Шомро пурсид. Вай ба Холназар барои ба мақсад расидан ба давлати Туркия омаданро маслиҳат додааст. Аммо идораҳои бехатарӣ дар арафаи сафар Холназар Боймуродро дастгир карданд. Нисбати ӯ дар асоси банди «г» қисми сеюми моддаи 244-1-уми Кодекси ҷиноӣ парвандаи ҷиноӣ кушода, айбдор эълон карданд.

Аз 7-уми августи соли 2020 ба ӯ чораи «маҳбаси хонагӣ» пешбинӣ гардид. Дар муроҳиаи суд Холназар гуноҳашро ба гардан гирифта, аз карда пушаймон будааншро изҳор кард. Ҳайати суд барои тавсифномаи эҷобӣ аз ҷойи истиқомат, муқаддам суд нашудан, алалхусус ба кафолат гирифтани ҷамоати шаҳрвандии маҳаллаи Қайнама ва шӯрои иттифоқи ҷавонони ноҳияро ба ҳисоб гирифта, дар асоси банди 57-уми моддаи 33-юми Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон ҳукми ба мӯҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум карданро салоҳ донист.

Инчунин, суд минбаъд маҳкумшуда бегоҳӣ аз соати 18 то 6-и пагоҳӣ дар истиқоматгоҳ будан, бе рухсати корҳои дохилии ноҳия манзили истиқоматиро иваз накардан, аз воситаҳои алоқа, аз ҷумла интернет истифода набурдан ва назоратро ба зиммаи нозири минтақаи истиқоматии ӯ гузоштанро вазифадор кард.

Албатта, дар ҳамин ҷо ба навиштаҷот нуқта гузоштан лозим буд, аммо саволе ба миён меояд. Фаъолони гузар ва ташкилоти ҷавонон, ки нисбати маҳкумшуда тавсифномаи болохонадору пурситаш навиштаанд, то мурофиаи суд дар кучо буданд?! Дар урфият мегӯянд, ки илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард. Умед дорем, ки дар ноҳия ба тарбияи насли наврас диққати махсус дода ва ба ақидапарастӣ, ки ба пастӣ мебарад, роҳ гузошта намешавад.

Даврон НУРАЛИЕВ,
иҷрокунандаи вазифаи раиси суди ноҳияи Самарқанд оид ба корҳои ҷиноӣ.
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ТАНТАНАҲО ДАР ЧУСТ

Имрӯзҳо муштзани касбӣ Муродҷон Аҳмадалиевро дар мамлакатамон хуб мешиносанд ва номашро бо ифтихор ба забон мегиранд. Вай ба ин бо комёбиҳои дар ҷодаи варзиш ноилгардидааш сазовор гаштааст.

Чанде пеш дар олами варзиши Ӯзбекистон воқеаи таъриҳӣ рух дод. Дар қасри «Ҳумо-арена»-и пойтахт шаби бокс баргузор гардид. Чунин мусобиқаи бонуфуз дар таъриҳи Ӯзбекистон бори аввал гузаронида шуд.

Дар он 8 нафар муштзани касбӣ, аз ҷумла Шаҳром Гиёсов, Исроил Мадримов, Баҳодур Ҷалолов, Ҳасанбой Дӯстматов, Иқболҷон Холдоров, Санҷар Турсунов, Миразизбек Мирзохалилов бомуваффақият иштирок карда, бар рақибашон пеш аз муддат ғалаба карданд. Дар сафи онҳо муштзани касбии чустӣ, дорандаи медали биринҷии олимпиадаи Рио-де-Жанейро-2016 Муродҷон Аҳмадалиев низ буд. Вай барои ҳифзи тасмаи чемпионии WBA ва IBF бо муштзани касбии соҳибтаҷриба Ресукэ Ивасаи ҷопонӣ ба ринг баромада, ҳарифашро дар раунди панҷум бо нокаути техникӣ пеш аз муддат мағлуб кард.

Ба қарибӣ дар Маркази маданияти ноҳияи Чуст сокинони ноҳия Муродҷон Аҳмадалиевро дар сурати тантанавӣ истиқбол намуданд. Дар маросим ҳокими ноҳия Бекзодҷон Ҳамдамов ба сухан баромада, изҳор дошт, ки дастоварди Муродҷон нафақат комёбии ноҳия, балки муваффақияти бокси тамоми Ӯзбекистон аст. Ӯ бо ин натиҷаи худ номи Чустро бори дигар маъруф кард.

– Вақте ки Муродҷон бо падараш Қаҳҳорҷон Аҳмадалиев ба мактаби бокс омад, 9-сола буд. Дере нагузашта бо чусту чолокӣ ва дар машғулиятҳо мунтазам ва фаъол иштирок кардан барои дигар ҳамсиннонаш ибрат гардид. Аз ин сабаб Муродҷон ҳамеша дар маркази эътибори мураббиён қарор гирифт. Онҳо барои пайваста сайқал додани маҳорати Муродҷон ҷидду ҷаҳд карданд. Меҳнати мураббиён беҳуда нарафт. Онҳо минбаъд ҳам кӯшиш мекунанд, ки дар оянда Муродҷон барин варзишгарони боистеъдодро ба камол расонанд, – мегӯяд директори мактаби варзиши бачагон ва наврасони ноҳияи Чуст Илҳомҷон Мирзохолов.

– Дар мамлакатамон таҳти сарварии Президент барои варзиш имкониятҳои хуб фароҳам оварда шудааанд, мо, ҷавонон саъй менамоем, ки ба ин эътибор бо комёбиҳои нав ба нав ҷавоби амалӣ гардонем. Пас аз ҷанг дар «Ҳумо-арена» маро, ҳатто ҷонишини Сарвазир Азиз Абдуҳакимов ва ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов бо ин комёбӣ муборакбод карданд. Ин эътибор каминаро боз ҳам рӯҳбаланд кард. Ман дар мусобиқаҳои бонуфузи оянда барои ҳифз кардани шарафи Ӯзбекистони азиз беш аз пеш ғайрат мекунам, – гуфт Муродҷон Аҳмадалиев.

А.МУРОДОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 846, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.